ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД с.3

РУСИЯ ТОЛИБОНРО ЭЪТИРОФ МЕКУНАД? с.4

КӢ НАҚШАИ ДАЪВАТРО ДАР ЯК РӮЗ ИҶРО КАРД? с. 5





# ТОҶИКИСТОН

№14 (1577), 03.04.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


Абдулҳамид Самад:

# АГАР МИЛЛАТ ОЯНДАРО ФИКР НАКУНАД, БА ШИКАСТ РӮ БА РӮ МЕШАВАД!



## ДАР ИН ШУМОРА:


**БАЪДИ ТЕРРОР**
Аз боздошт то депорти муҳоҷирон дар Русия с.7

**ПОЙТАХТ**
Ярмаркаҳои маҳсулоти арзон дар куҷо доир мешаванд? с.5

**ТЕҲРОН**
Амрико бояд посух бигӯяд! с.4

**ВАДУД МАҲМУДӢ**
Сарнавишти талхи вазири фойтунсавор с.9

**ФОҶЕА**
Вақте мард ҳамсарашро мекушад? с.11

**АЁДАТ**
Чаро мо онро нодуруст истифода мебарем? с.6

**ВАРЗИШ**
Ниммарафон бахшида ба 100-солагии Душанбе с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Чанд роҳи осони харобшавӣ с.12



M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Ӯзбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## БОЗ 28,37 КМ ХАТИ МАРЗ МУШАХХАС ШУД

**Дар асоси мувофиқаи бадастомада аз 24 то 29-уми марти соли 2024 дар шаҳри Бодканди Қирғизистан вохӯрии навбатии гурӯҳҳои кории топографӣ ва гурӯҳҳои корӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии ҳайатҳои ҳукуматии кишварҳо баргузор шуд.**

Гурӯҳҳои кории топографӣ 28,37 км гузариши хати сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистонро мувофиқа намуданд.

Дар доираи вохӯрӣ ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки тавсифи минтақаҳои боқимондаро дар вохӯрии навбатӣ, ки дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор мегардад, идома диҳанд. Аз натиҷаи вохӯрӣ Протоколи дахлдор ба имзо расид.

## ВОРИДОТИ ДАСТГОҲИ НАВ БАРОИ ТАБОБАТИ ДИЛ

**Ба Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо дастгоҳи ангиоҷет дастрас гардид. Ин дастгоҳ дар самти ташхису табобати бемории дил муҳим арзёбӣ мешавад.**

Вазифаи асосии дастгоҳ аз он иборат аст, ки бе буриши бадани бемор, бе истифода аз беҳискунии умумӣ тавассути сӯрох намудани раги хунгард ба мавзеи басташудаи шараён рафта мерасад. Сипас, ба атрофи хунҳои лахташуда таҳти фишори ниҳоят баланд маҳлул фиристода мешавад.

Дар натиҷа хунҳои лахтае, ки шараёнро бастаанд, мулоим шуда, тавассути сӯрохи дигар бо истифода аз фишори манфие, ки ин дастгоҳ доро мебошад, кашида гирифта шуда, дар натиҷа раги хунгард барқарор мешавад.

Гуфта мешавад, ки дастрас гардидани чунин дастгоҳ ташхису табобати бемориҳои дилу рагҳоро боз ҳам осонтар мегардонад.

## ХАТСАЙРИ ДУШАНБЕ - ОСТОНА БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ НАМУД

**Дар толори Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе расми ифтитоҳи хатсайри нави мустақиму мунтазам аз шаҳри Душанбе ба пойтахти Қазоқистон - шаҳри Остона баргузор гардид.**

Дар ҳамоиш роҳбарияти ширкати «Сомон Эйр», Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони корпусҳои дипломатӣ ва ширкатҳои сайёҳии ватанӣ иштирок намуданд.

Раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ иброз намуд, ки ин рӯйдод барои беҳбуди робитаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мусоидат менамояд, зеро истифода намудани масири нави ҳавоӣ на фақат сафарҳоро байни шаҳрҳои Душанбе ва Остона осону мувофиқ менамояд, балки барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии ду кишвар низ хеле муҳим мебошад.

Ин хатсайр ба рушди соҳаи сайёҳии ду давлат такони ҷиддӣ бахшида, ба афзоиши шумораи сайёҳону ҷаҳонгардон мусоидат менамояд. Зеро тавассути истифодаи хатсайри Душанбе - Остона ва баръакс, Остона - Душанбе метавон аз Душанбе ба 11 давлати дунё ва аз Остона ба 25 кишвари ҷаҳон парвоз анҷом дод.

Парвозҳо ҳафтае як маротиба, рӯзҳои сешанбе анҷом дода мешаванд.



## ҒАЛАБАИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Навраси тоҷик Зебониссо Исмоилова дар фестивал-озмуни байналмилалии рақс таҳти унвони «Санъати Роҳи Абрешим» («Art Silk Way») ғолиб омад.**

Озмун рӯзҳои 28-29-уми марти соли равон дар шаҳри Самарқанди Ӯзбекистон баргузор гардида, дар он таълимгирандаи гурӯҳи рақсии ансамбли «Шукуфаҳои пойтахт»-и Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» Зебониссо Исмоилова иштирок намуд. Зебониссо Исмоилова аз рӯйи ду номинатсия сазовори ҷойи якум гардид.

Ба иттилои Комилҷон Холов, директори Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе», дар ин фестивал аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Русия зиёда аз 101 наврас иштирок карда ва маҳорати худро нишон доданд.

Зебониссо Исмоилова 12-сола ва хонандаи муассисаи таълимии №6 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ аст.

## САРИ САБЗ



**Бахтиёр РАҲИМОВ,**
**роҳбари гурӯҳи "Ғарибшо"**

**- Бовар кунед, ҳунарманд ҳам бошам, вале се вазири охири фарҳанг - Шамсиддин Орумбекзода, Зулфия Давлатзода ва Матлубахон Сатториёнро надидаам. Дар Вазорати фарҳанг мебоядд нафаре вазир таъйин шавад, ки ҳунарманд аст ва аз дарди ҷомеа хабар дорад...**

*- О, бобо, шумо ки вазиронро надида бошед, айби кӣ? Як боракак ба Вазорати фарҳанг сар намезанед? Шумо ҳам вазири фарҳанг бошед, ба дидани ҳар як ҳунарманд намеравед ку...*



**Ҷумъа ҚУДДУС,**
**рӯзноманигор, нависанда ва драматург**

**- Мо силсилафилми "Ширин"-ро 15 қисм кардан набудем... Дар мавриди машҳур шудан бошад, бояд бигӯям, ки ҳамеша муаллиф зери парда мемонад. Пас аз филми хуб одатан ҳунармандон ва коргардон шинохта мешаванд, аммо нависанда не.**

*- Ҳаваси ҳунарманд ва коргардон шуданро наҳӯред, устод. Ҳунармандону коргардонҳо шинохта шаванд ҳам, муаллиф сарфи назар аз паси парда мондан, гонорари хуб мегирад.*



**Фаррух САНГИНОВ,**
**ҳаҷвнигори "Территория юмора"**

**- Дар толори "Қасри ҷавонон" 700 нафар нишаста, баромади моро тамошо мекарданд. Вақте ман ба саҳна баромадам, ҳама ба хандакунӣ даромаданд. Он замон ман кайф кардам. Пас аз он шавқи дар саҳна баромад кардан дар дилам пайдо шуд.**

*- Ҳаҳаҳах, хуб хандондед, ҷиян. Кайф кардем. Кайф кардани шумо ҳам ҷудо нағз. Аммо ба сабаби хандакунӣ вақти ба саҳна баромаданатон таваҷҷуҳ надодед?*

# ШАРИКИ БОЭЪТИМОД

## Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон меояд

**Рӯзҳои 18-19-уми апрели соли равон сафари Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон дар назар аст. Сафари Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон дар ҳолест, ки моҳи марти соли ҷорӣ сафари як ҳайати блоки иқтисодӣ тахти роҳбарии Сарвазири ин кишвар Абдулло Орипов ба Душанбе сурат гирифт. Зимни ин сафар дар шаҳри Душанбе вохӯрии сатҳи баланди ду ҷониб ва форумҳои иқтисодӣ доир шуданд.**



### $500 миллион гардиши тиҷорат

Бино ба омори расмӣ, соли 2023 гардиши мол байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон зиёда аз 500 млн долларро ташкил дод. Ҳоло дар гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон Ӯзбекистон зинаи 5-умро ишғол мекунад.

Ҷониби Тоҷикистон дар ҳошияи мулоқот бо Сарвазири Ӯбекистон ҳам изҳор доштааст, ки омода аст бо корхонаҳои саноатии Ӯзбекистон дар тарҳрезӣ ва бунёди паркҳои бузурги саноатӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ кунад. Таъкид шудааст, ки бахшҳои марбута бояд роҳҳои рушди ҳамкориҳоро таҳия кунанд. Аз ҷумла, дар саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, истеҳсоли муштараки мошину таҷҳизоти кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, саноати истихроҷи маъдан ва металлургия, истеҳсоли таҷҳизоти энергияи баркароршаванда, дорусозӣ, масолеҳи сохтмонӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва электроника имконияти бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд.

Ҷонибҳо таъкид доштанд, ки барои ба даст овардани тавофуқҳои мушаххас барои амалӣ сохтани ин имконот бояд талошҳои муштарак ба харҷ дода шавад.

*Сарвазири Ӯзбекистон:*

### Тоҷикистон шарики боэътимоди мост



Сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Орипов дар мулоқот бо ҳамтои худ Қоҳир Расулзода зикр кардааст, ки Тоҷикистон ҳамсояи наздик, дӯсти содиқ, шарики боэътимоди стратегӣ ва иттифоқчии Ӯзбекистон мебошад.

«Боиси хушнудист, ки дар солҳои охир ҳаҷми муомилоти моли мутақобила афзуд. Мебояд ба фаъолияти Фонди сармоягузории Ӯзбекистону Тоҷикистон тақвият бахшид. Барои ин мо пешниҳод менамоем, ки барои ҳамоҳангсозии корҳо дар ин самт миёни вазоратхонаҳоямон муколамаи мунтазам ташкил карда шавад”,- илова намуд Орипов.

### Истеҳсоли мошинҳои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон?



Ҳоло Ӯзбекистон дар истеҳсоли мошинҳои модели гуногун пешсаф аст. Кишвари ҳамсоя талош дорад, ки истеҳсоли муштараки мошинҳоро дар Тоҷикистон низ ба роҳ монад. Ин масъала зимни мулоқоти вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ӯзбекистон Лазиз Қудратов дар моҳи марти соли равон баррасӣ гардид. Ҳамчунин, ҷонибҳо вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, истеҳсоли чарххо дар заминаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «ТАЛКО» барои эҳтиёҷоти саноати мошинсозии Ӯзбекистон, сохтмони муштараки ду нерӯгоҳи барқи обӣ дар дарёи Зарафшон сухбат намудаанд.

Бояд гуфт, ки гуфтугӯзор атрофи бунёди ду нерӯгоҳ дар дарёи Зарафшон чандин сол боз идома дорад. Аммо то ҳол мушаххас нест, ки кай Ӯзбекистон онро месозад.

### Дурнамои ҳамкорӣ




Коршиносон ба ин боваранд, ки баъд аз сафари нахустини Шавкат Мирзиёв ба Тоҷикистон пешрафти иқтисодиёт назаррас аст. Ин сафари Шавкат Мирзиёев моҳи марти соли 2018 сурат гирифта буд, ки дар ҳошияи он байни Тоҷикистону Ӯзбекистон 27 созишнома ба имзо расид.

Бино ба гуфтаи мудири бахши Маркази тадқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳоти назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Хуршед Асадов, байни Тоҷикистону Ӯзбекистон динамикаи рушд ба назар мерасад, аммо ҳоло ҳам имкониятҳои мавҷуда зиёданд. Ӯ чор соли пас аз сафари давлатии Шавкат Мирзиёевро ба риштаи таҳлил кашида, мегӯяд, ки гардиши мол миёни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2020 ба 502 миллион доллар расид. Дар ҳамин ҳол, содирот ба Тоҷикистон ба 405 миллион доллар афзоиш ёфтааст.



Маҳсулоти асосии содиротии Ӯзбекистон ба Тоҷикистон инҳоянд: хизматрасонии нақлиётӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти нафту газ, нуриҳои минералӣ, молҳо барои шахсони воқеӣ, маҳсулоти нассоҷӣ, металлҳои сиёҳ, пластмасса ва маҳсулоти онҳо, маҳсулоти электротехникӣ ва ғайра.

Воридоти Тоҷикистон ба Ӯзбекистон аз молҳои зерин иборат аст: маъдан ва консентратҳо, масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент, неруи барқ, металлҳои сиёҳ, металлҳои ранга, хизматрасонӣ.

Гуфта мешавад, ки Тоҷикистон яке аз 10 шарики асосии тиҷоративу иқтисодии Ӯзбекистон аст. Ҳоло беш аз 200 корхонаи Ӯзбекистон дар Тоҷикистон намояндагии худро доранд. Корхонаи муштараки Ӯзбекистону Тоҷикистон - ҶДММ «Артел Авесто Электроникс» аз ҷумлаи онҳост. Фаъолияти асосии он истеҳсоли асбобҳои рӯзгор ва фурӯши минбаъдаи онҳо дар бозори Тоҷикистон мебошад.

Инак, пас аз чанд рӯз Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон меояд ва интизор хоҳем шуд, ки дар муносибатҳои ду давлат чӣ таҳаввулот ба миён меоянд. Шояд дар ин сафар бунёди ду нерӯгоҳ дар дарёи Зарафшон ҳалли худро меёбад?

**Усмон РАҲИМЗОДА**



**Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, раиси Халқ маслаҳатии Туркманистон бо мақсади ширкат дар Рӯзҳои фарҳанги Туркманистон 4-уми апрел ба Тоҷикистон меояд.**

Дар доираи сафари Бердимуҳаммадов мулоқоти сатҳи олӣ ва баррасии муносибот дар бахшҳои мухталиф дар назар аст. Дар доираи рӯзҳои фарҳангӣ намоиши мусаввара, намунаи ҳунарҳои мардумии Туркманистон ва ҳамчунин барномаи муштараки консертии устодони санъати ду кишвар дар назар аст.



**Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим бо ширкатҳои сохтмонии Эрон, ки ба таъмиру навсозии нақби мошингарди “Истиқлол” машғуланд, гуфтушунид кард.**

Ҳадаф аз мулоқот гузаронидани мушоҳидаҳои техникӣ, таҳлили чораёни имрӯзаи сохтмон ва татбиқи шартномаи марҳилаи дуюми лоиҳаи сохтмони нақби автомобилгарди «Истиқлол» мебошад.

Нақби “Истиқлол” дар 90-километрии шимоли Душанбе, дар роҳи мошингарди Душанбе - Хуҷанд воқеъ буда, дарозии он 5,2 километр аст.



**Дар савдои хориҷӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳо бо асъори миллӣ дар ҳудуди ИДМ соли гузашта аз 85% гузашт.**

Муовини сарвазири Беларус Игор Петришенко дар Форуми байналмилалии иқтисодӣ пешниҳод кард, ки дар ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила аз асъори кишварҳои ИДМ фаъолтар истифода шавад. Мақомоти Тоҷикистон низ сабт кардаанд, ки дар додугирифти коло бо Русия ҳисоббаробаркунӣ бо доллар коҳиш ёфта, бо рубл зиёд шудааст.



**РБК** **Раиси КДАМ-и Қирғизистон Қамчибек Ташиев зимни изҳори назар дар бораи амали террористӣ дар Маскав аз шаҳрвандони Тоҷикистон ҳимоят кард.**

«Террористҳо миллат надоранд ва муттаҳам кардани як миллати том дар ҳодисаи руҳдода бо пайравӣ аз аъзои созмонҳои террористие, ки ба барангехтани кинаю адовати қавмӣ ва баланд бардоштани рӯҳияи зидди муҳоҷирон дар Русия манфиатдоранд, мувофиқ нест»,- навишт ӯ дар "Фейсбук". Ӯ ҳамчунин дар изҳороташ аз фаъолияти КДАМ ҶТ васф кардааст.



**Фергана.** Информационное агентство **Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳаммедов ба муносибати Шаби қадр (лайлатулқадр) 356 маҳбусро авф кард.**

Гуфта мешавад, ки фармони президент ба шаҳрвандоне, ки барои ҷинояткорӣ маҳкум шудаанду аз он самимона изҳори пушаймонӣ мекунанд, дахл хоҳад дошт. Дар Туркманистон дар остонаи Шаби қадр, Рӯзи бетарафӣ ва соҳибистиқлолӣ фармони авф ба имзо мерасад. Дар чанд соли охир беш аз 20 ҳазор зиндониён озод шудаанд.



**۸صبح** **Толибон Гулбиддин Ҳикматёрро аз хонае, ки ҳукумати пешини Афғонистон бар асоси созишномаи сулҳ ба ӯ дода буд, ихроҷ кардаанд.**

Абдулҳаким Шаръӣ, иҷрокунандаи вазифаи вазири адлияи Толибон гуфтааст, ки ин гурӯҳ ба Ҳикматёр ҳафтаҳо ва моҳҳо муҳлат дод, то хонаашро холӣ кунад ва бо вуҷуде, ки барои ӯ хона пайдо кард, ӯ хонаро холӣ накард. Ӯ таъкид кардааст, ки Ҳикматёр аз номи ҳизбаш мавқеъ мегирад, аммо ин ҳизб дар режими Толибон заминаи ҳуқуқӣ надорад.

# РУСИЯ ТОЛИБОНРО ЭЪТИРОФ МЕКУНАД?

РИА НОВОСТИ

**Вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва адлияи Русия "масъалаи аз рӯйхати созмонҳои террористӣ баровардани гурӯҳи Толибонро" баррасӣ мекунанд.**



"Феълан, атрофи масъалаи хориҷ кардани Толибон аз рӯйхати созмонҳои террористӣ кор рафта истодааст. Қарори ниҳоиро роҳбарияти олии кишвар қабул мекунад",- менависад манбаъ дар такя ба Вазорати корҳои хориҷии Русия.

Ин дар ҳолест, ки гурӯҳи Толибон соли 2003, пас аз ворид шудан ба феҳристи дахлдори Шӯрои амнияти СММ дар Русия ҳамчун созмони террористӣ эътироф шуда буд (дар Тоҷикистон низ фаъолияти ин гурӯҳ мамнуъ аст,- ред.).

Моҳи октябри соли 2021 Владимир Путин гуфт, ки дар бораи хориҷ кардани Толибон аз рӯйхати созмонҳои террористӣ Русия "ба тасмимгирӣ наздиктар" шудааст, аммо ин тасмим бори дигар бояд дар СММ қабул шавад.

Аммо Русия "бо намояндагони Толибон ҳамкорӣ мекунад, онҳоро ба Маскав даъват мекунад ва дар худи Афғонистон бо онҳо дар тамос аст",- афзуда буд Путин.

Ин иддаои Путин баъд аз он садо дод, ки моҳи июли соли 2021 намояндагони гурӯҳи Толибон барои музокира ба Маскав омаданд ва бо Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷии Русия пас аз музокирот гуфт, ки "Толибон афроди солимфикр ҳастанд".

Ахиран, намояндаи вижаи Президенти Русия дар умури Афғонистон Замир Кобулов ба хабаргузории "ТАСС" гуфта буд, ки гурӯҳи Толибон ба ҳамоиши "Русия - Ҷаҳони ислом", ки аз 14 то 19-уми май дар Қазон баргузор мешавад, даъват шудааст.

Ин ҳамкориҳо баёнгари он аст, ки Русия барои эътирофи Толибон наздик мешавад.

# ҲАМЛА БА КОНСУЛГАРИИ ЭРОН

## Теҳрон ваъдаи посухи дандоншикан дод

BBC

**Дар натиҷаи ҳамлаи ҳавоии рӯзи 1-уми апрел ба консулгарии Ҷумҳурии исломии Эрон дар Димишқ, ки ба Исроил нисбат дода мешавад, ду генерал ва 5 афсари Сипоҳи посдорон ҷон бохтаанд. Эрон хостори нишасти фаврии Шӯрои амнияти СММ шудааст.**





Ҳусейн Амирабдуллоҳӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон субҳи сешанбе дар шабакаи Х бо эълони ин хабар навишт, ки паёми муҳиме ба давлати Америко ба унвони ҳомии Исроил фиристода шуд.

Вазорати корҳои хориҷии Эрон кордори сафорати Шведсия ба унвони ҳимоятгари манфиатҳои Америко дар Эронро даъват кардааст.

Вазири корҳои хориҷии Эрон гуфт, ки "Америко бояд посухгӯ бошад".

Пойгоҳи хабарии "Чамарон" аз Муҳаммадризо Зоҳидӣ ба унвони фармондеҳи пешини нерӯҳои ҳавоии Сипоҳи посдорон ва аз аъзои фаъоли нерӯҳои "Қудс"-и Сипоҳи посдорон ном бурдааст, ки фармондеҳии ин нерӯ дар Сурия ва Лубнонро бар уҳда доштааст.

Ҳарчанд Исроил беш аз як даҳсола аст, ки ба "пойгоҳҳои вобаста ба Эрон" бо ҳадафи пешгирӣ аз нуфузи низомии Эрон ва муттаҳидони он дар Сурия ҳамла мекунад, аммо ин нахустин бор аст, ки биноҳои вобаста ба Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон ҳадафи ҳамлаи мустақими Исроил қарор мегирад.

Ин амр метавонад нишонае аз печидатар шудани буҳрони Ховари Миёна дар пайи ҷанги Ғазза ва афзоиши амалиёти Исроил дар минтақа бошад. Маълум нест, ки Эрон ба ин ҳамла чӣ гуна вокуниш нишон хоҳад дод.

*Артиш*

# ПЕШСАФОН ДАР ТОҶИКИСТОН

## Кӣ нақшаи даъватро дар як рӯз иҷро кард?

**ЧАНД ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОҶИКИСТОН НАҚШАИ ДАЪВАТИ БАҲОРИИ ҶАВОНОН БА ҚИСМҲОИ НИЗОМИРО ДАР ЯК РӮЗ ИҶРО КАРДАНД. ДАР ИН МАЪРАКА ВМКБ МИСЛИ СОЛҲОИ ҚАБЛӢ ПЕШСАФӢ НИШОН ДОД. ҲАМАГӢ ДАР ЯК РӮЗ ВА ДАР РӮЗИ АВВАЛИ ДАЪВАТИ НАВАСКАРОН НАҚШАРО 100 ФОИЗ ИҶРО НАМУД. ДИГАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ КИШВАР НИЗ ПЕШҚАДАМ БУДАНД.**



### Исфара дар ҷойи 1

Ҷамоатҳои Воруху Чоркӯҳ ва Чилгазиву Лаккони шаҳри Исфара дар нахустин рӯзи маъракаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ нақшаи пешбинишударо иҷро намудаанд. Дар ҳамаи ҷамоатҳои номбурда бо ширкати намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, комиссариати ҳарбӣ, собикадорон, наврасону ҷавонон ва волидони даъватшавандагон маросими гусели наваскарон ба хизмати Ватан баргузор гардид.

Дар маркази шаҳр низ ба муносибати гусели даъватшавандагон чорабинӣ доир шуда, волидони даъватшавандагон, роҳбарияти шаҳр ва собикадорони меҳнат ҷавононро ба хизмати Модар-Ватан гусел намуданд. Ба ҷавонон гуфта шуд, ки хизмат ба Ватан-Модар рисолати фарзандӣ ва қарзи шаҳрвандӣ аст. Роҳбарияти мамлакат барои адои хизмати ҳарбӣ шароити зарурӣ фароҳам овардааст.

### Ноҳияҳои пешсаф дар Хатлон

Дар вилояти Хатлон 4 ноҳия пешсафӣ нишон доданд. Дар рӯзи аввали даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ноҳияҳои Вахшу Хуросон, Фархору Муъминобод нақшаро пурра иҷро кардаанд. Ин вилоят 25 шаҳру ноҳия дорад.

### Тоҷикобод дар ҷойи аввал

Аз ноҳияҳои тобеи марказ Тоҷикобод пешқадам аст. Аз рӯйи маълумоти расида, дар ноҳияи Тоҷикобод низ нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар рӯзи аввал иҷро шуд. Тавре аз мақомоти ноҳияи Тоҷикобод ба Pressa.tj хабар доданд, ҷавонон бо хоҳиши худ ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир шудаанд.

"Ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ рафтани ҷавонон як олам маънӣ дорад. Ин аз ҳисси баланди нангу номуси миллии онҳо дарак медиҳад",- гуфт манбаъ.

Ҳамин тариқ, 1-уми апрел қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар новобаста аз он ки нақша садфоиза иҷро нашуда бошад ҳам, чорабинии гусели наваскарон доир карда шуд.

### Кӣ ба хизмат меравад?

5-уми марти соли равон фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбии мӯҳлати хизматро адокарда ва даъвати навбатии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ имзо шуд.

Тибқи фармон хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқаррааргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2024 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои дохилии ВКД, Қӯшунҳои мудофиаи граждании КҲФ, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, баталйони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсус ба эҳтиёт рухсат карда мешаванд.

Моҳҳои апрел-майи соли 2024 шаҳрвандони ҷинси мардӣ соли таваллудашон 1997-2007-и то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтар, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сохтору воҳидҳои зикршуда даъват карда мешаванд.

**У. РАҲИМЗОДА**



**Хонандаи синфи 11-и Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе Абдураҳим Сангинов дар даври шаҳрии озмуни «Хонандаи сол-2023» сазовори ҷойи якум гардид.**

Озмуни «Хонандаи сол-2023» рӯзҳои 29-30-юми март баргузор гардида, натиҷаи корҳои тестӣ ва хаттӣ аз фанҳои таълимӣ, саволу ҷавоб, маҳорати суханварӣ, намоиши корҳои эҷодӣ ба назар гирифта шуд. «Хонандаи сол-2023» бо мукофоти пулӣ ва ифтихорномаи МИҲД-и шаҳри Душанбе қадрдонӣ мегардад.



**- Ансамбли донишҷӯёни Консерваторияи миллии Тоҷикистон дар озмуни мусиқӣ дар Тошканд мақоми аввалро касб кард,- хабар медиҳад ин муассисаи таълимӣ.**

Манбаъ хабар медиҳад, ки ин дастовард "мояи ифтихори умумибашарии омӯзгорону донишҷӯён буда, бори дигар собит мекунад, ки марказии илмию бадеӣ дар тарбияи мутахассисони соҳаи санъати мусиқӣ нақши калидӣ дорад".



**Аз 3 то 9-уми апрел дар чанд бозори шаҳри Душанбе ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ доир мешавад.**

Ба иттилои Агентии захираҳои моддӣ, ярмарка дар бозорҳои "Саховат", "Меҳргон", назди Боғи Куруши Кабир, тавакқуфгоҳи назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино доир мешавад. Зикр гардид, ки маҳсулоти кишоварзӣ бо нархи дастрас ба сокинони пойтахт пешниҳод мегардад.

# ГУСЕЛИ БОТАНТАНА БА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

**1-уми апрел дар шаҳри Душанбе маросими ботантанаи гусели ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ оғоз шуд.**

Ба ин муносибат аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Муассисаи давлатии "Амфитеатри Ахорун" чорабинии тантанавӣ ва маъракаи гусели наваскарон аз шаҳри Душанбе ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат баргузор гардид.

Дар ин маросим ҳамчунин ба даъватшудагон, ки аз чор ноҳияи шаҳр дар ин рӯз сафарбар гардиданд, ҳуҷҷати хатми ронандагӣ тақдим гардида, машқҳои ҳарбӣ ва варзишӣ ва чун анъана маросими «Нонгазон» намоиш дода шуд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби дастаҳои ҳунарӣ барномаи консертӣ ва намоиши театрӣ пешниҳоди иштирокчиён гардонида шуд.



# МУЛОҚОТИ ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА БО ҲАЙАТИ SBFN ВА IFC

**2-юми апрели соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо намояндагони Шабакаи бонкдорӣ ва маблағгузории устувор (SBFN) ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) вобаста ба ҳадаф ва интизориҳо аз узвияти Бонки миллии Тоҷикистон ба SBFN мулоқоти корӣ доир намуд.**



Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс зикр намуд, ки дар ҷаҳони муосир масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, таъмини амнияти экологӣ, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва рушди иқтисодиёти "сабз" рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо менамояд ва тағйирёбии иқлим метавонад ба иқтисодиёт ва бонкҳо хатари ҷиддӣ эҷод намояд. Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми декабри соли 2015 ба Созишномаи Париж, ки ба вокуниши глобалӣ ба таҳдидҳои иқлимӣ нигаронида шудааст, ҳамроҳ шуда, "Стратегияи миллии рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037"-ро тасдиқ намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ дар навбати худ ҳамчун танзимгари низоми бонкӣ ва суғурта Нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати татбиқи тадбирҳои Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд, ки ҳадафи он таъмини рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин таъмини баробарии экологӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

- Мо медонем, ки аъзои SBFN барои беҳтар кардани идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративии (ESG) муассисаҳои молиявӣ ҳаракат мекунанд. Дар ин замина, БМТ масъалаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ESG ва идоракунии хавфҳои иқлим дар ташкилотҳои молиявӣ ва рушди бозори маблағгузории сабзро ба назар гирифтааст,- қайд намуд Толибзода Ф.

Ҳамоҳангсози ҷаҳонии SBFN хонум Чжан Ронг дар навбати худ узвияти Бонки миллии Тоҷикистонро ба Шабакаи бонкдорӣ ва маблағгузории устувор қадами муҳим барои пешбурди самти мазкур арзёбӣ намуда, қайд кард, ки ин шарикии стратегӣ уҳдадории Бонки миллии Тоҷикистонро дар ҳамгироии масъалаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ дар фаъолияти бахши молиявии Тоҷикистон бештар менамояд.

Ҳамоҳангсози SBFN изҳор намуд, ки кишварҳои узви SBFN, бахусус муассисаҳои молиявиро зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар кардани масъалаҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ гардиши сармояро ба фаъолиятҳое, ки таъсири мусбати экологӣ ва иҷтимоӣ доранд, афзун намоянд.

Роҳбари намояндагии IFC дар Тоҷикистон Фаррух Султонов қайд кард, ки ҳамроҳ шудан ба платформаи ҷаҳонӣ барои танзимгарони бахши молиявӣ, бахусус Бонки миллии Тоҷикистон барои ҷорӣ намудани ташаббусҳои муосир, аз ҷумла маблағгузории устувор дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки фаъолона дар татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 кӯшишҳои худро бо ҳадафҳои Созишномаи Париж мутобиқ намуда, дар ноил шудан ба ҳадафҳои декарбонизатсияи кишвар саҳм мегузорад.

Ҳамчунин дар рафти мулоқоти корӣ аз ҷониби ҷоршиносони SBFN оид ба фаъолият, сохтор, гурӯҳҳои кории Шабакаи мазкур ва имкониятҳои ба аъзои он пешниҳодшаванда ба иштирокдорони мулоқот рӯнамо манзур гардид.

Дар хотима ҷонибҳо изҳори боварӣ намуданд, ки узвияти БМТ ба SBFN метавонад дар роҳи пешрафти маблағгузории устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути омӯхтани таҷрибаи хуби байналмилалӣ ва пешбурди ҳадафҳои муштарак мусоидат намояд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

**P.S.**

*Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои БМТ ва низоми бонкӣ масъалаи раванди узвият дар SBFN ва тартиби аъзо шуданро омӯхта, дар асоси розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост ба SBFN муроҷиат намуда, 8-уми декабри соли 2023 тасдиқномаи SBFN-ро дар хусуси пайваст шудани БМТ ба Шабака дастрас намудааст.*

*Нуқтаи назар*

# ОЁ «АЁДАТ»-РО ДУРУСТ ИСТИФОДА МЕБАРЕМ?



**Имрӯзҳо калимаи «аёдат» дар забони гуфтугӯӣ ва воситаҳои ахбори оммаи чопию электронӣ хеле зиёд истифода мегардад. Махсусан, дар арафаи иду ҷашнҳо ахбори «аёдат шудан»-и бознишастагон, собиқадорони меҳнат ва шахсони дигари барӯмандро мутолиа мекунем, ки дар ин маврид калимаи «аёдат» ба маънои «дидорбинӣ» ва «хабаргирӣ» истифода мегардад.**

Калимаи «аёдат»//«иёдат» аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои «беморпурсӣ», «ба дидани бемор рафтан», «касалбинӣ», «воҳӯрӣ бо бемор ва ҳолпурсии ӯ» ва «иёдат кардан» - маънои «ба дидани бемор рафтан»-ро дорад («Фарҳанги забони тоҷикӣ», саҳ. 469). Ин калима дар Фарҳанги мазкур ба ду шакл - «аёдат» (саҳ 42) ва «иёдат» омадааст. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и доктор Муин ба шакли «иёдат» (ба касри «ъайн» ва дар охир «то»-и марбута) омада, «ба дидани бемор рафтан» ба «ба аҳволпурсии мариз рафтан» маънидод шудааст.

Дар осори шоирони классики тоҷик дар аксари маврид калимаи «аёдат»//«иёдат» бо калимаҳои «ранҷ», «ранҷурӣ», «табиб», «шифо», «бемор» ва ғайра омадааст. Дар байти зерини Камол дар мисоли калимаҳои «иёдат», «ранҷурон» ва «шифохона» таносуби калом риоят шудааст:

*Ба иёдат сухане гӯй,*
*ки ранҷуронро*
*Аз шифохонаи он лаб*
*шакаре мебояд.*

Байти зерин ҳам аз латофати табъи Камол аст, ки ба беморӣ рабт доштани мафҳуми «иёдат»-ро таъйид мебахшад:

*Дӯш таб доштаму шаб*
*ҳама шаб гарм бад-он,*
*Ки шавӣ ранҷаву оӣ ба*
*иёдат бозам.*

Дар ғазалиёти Саъдӣ дар ду маврид калимаи «иёдат» ба мушоҳида расид, ки дар канори мафоҳими «ранҷур», «дард» ва «дардманд» корбаст гардидааст:

*Ба интизори иёдат,*
*ки дӯст меояд,*
*Хуш аст бар дили*
*ранҷури ишқ беморӣ.*

**Низ:**

*Ҳунук он дард, ки ёрам*
*ба иёдат ба сар ояд,*
*Дардмандон ба чунин*
*дард маҳоҳанд даворо.*

Дар «Маснавии маънавӣ» низ «иёдат» ба маънои «ба дидани бемор рафтан» корбаст гардидааст. Чунончи, ин матлаб аз номи ҳикояи «Ба иёдат рафтани кар бар ҳамсояи ранҷури хеш» (дафтари якум) низ равшан мегардад.

Як ҳикояти ҷолиби дигар дар «Маснавӣ» дар робита ба мафҳуми «иёдат» дар ҳикояи «Дар ваҳм афгандани кӯдакон устодро» истифода шуда, дар фасли «Рафтани модарони кӯдакон ба иёдати устод» ба тариқи зер баён гардидааст:

*Бомдодон омаданд*
*он модарон,*
*Хуфта усто, ҳамчу*
*бемори гарон.*
*Ҳам арақ карда зи*
*бисёрӣ лиҳоф,*
*Сар бибаста, рӯ кашида*
*дар сиҷоф.*
*Оҳ-оҳе мекунад оҳиста ӯ,*
*Ҷумлагон гаштанд ҳам*
*«ло ҳавл»-гӯ: (3,1600)*

Хулоса, истифодаи калимаи «аёдат//иёдат» ба маънои «хабаргирӣ» ва «дидорбинӣ» нодуруст буда, он маънои «ба дидорбинии бемор рафтан», «беморпурсӣ», «касалбинӣ»...-ро ифода мекунад. Дар ин маврид аз осори гузаштагон метавон садҳо асноду далелро ба истишҳод овард.

**Тоҷибой СУЛТОНӢ,**
**доктори илми филология,**
**профессор**

# БАЪДИ ТЕРРОР...



## ГУМОНБАРИ 10-УМИ ҲАМЛА БА КРОКУС СИТИ

**Суди ноҳияи Басманнийи шаҳри Маскав рӯзи 1-уми апрели соли 2024 боз як зодаи Тоҷикистонро бо иттиҳоми даст доштан дар ҳамлаи хунини террористи рӯзи 22-юми март дар толори консертҳои "Крокус Сити Холл" то 22-юми май ба ҳабси пешакӣ гирифт.**

Бар асоси маводи парвандааш, Яъқубҷон Юсуфзода тасодуфан дар чараёни як рейд дар чорчӯби амалиёти "Нелегал" ба даст афтод. Рӯзи 25-уми март ӯву як шиносашро кормандони пулис манъ карданӣ мешаванд, вале онҳо кӯшиши фирор мекунанд. Кормандони пулис онҳоро таъқиб мекунанд, вале баъди боздошт Юсуфзода аз нишон додани ҳуҷҷатҳояш ва нишастан ба мошини пулис гӯё саркашӣ кардааст. Ба ин далел, ӯро маҷбуран ба шуъбаи пулис оварда, рӯзи 26-уми март дар аввал барои сарпечӣ аз иҷрои амри пулис ба 12 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ маҳкум кардаанд.

Кумитаи тафтишот гуфт, алакай баъди боздошташ маълум шуд, ки Юсуфзода чанд рӯз қабл аз ҳамлаи террористӣ ба "Крокус" "ба воситаи корти бонкиаш ба як шарики ин ҳамла барои таъмини макони зисти террористҳо пул гузаронида", боз як миқдор пули дигарро баъди анҷоми ҳамла ба ҳисоби яке аз муттаҳамон интиқол додааст.

Бино ба иттилои дарёфтӣ, Яъқубҷон Юсуфзода зодаи деҳаи Моғиён дар канори шаҳри Панҷакент буда, 25 сол ва 3 фарзанд дорад. То замони боздошташ ба сурати ғайрирасмӣ дар як сохтмон кор мекардааст.

## БОЗДОШТИ 2 ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОҒИСТОН



**Субҳи якшанбе, 31-уми марти соли 2024 неруҳои ФСБ Русия дар ду ноҳияи шаҳри Махачқалъа, пойтахти ҷумҳурии Доғистони Русия ва шаҳри бо пойтахт ҳамҷавори Каспийск "амалиёти зиддитеррористӣ" анҷом доданд.**

Кумитаи миллии зиддитеррористии Русия (НАК) хабар дод, ки дар чараёни амалиёт касе аз сокинони мулкӣ ва аз ниходҳои ҳифзи ҳуқуқ осеб надидааст.

"Ҳангоми кофтуков аз маҳали боздошти чинояткорон силоҳи автомат, тирхо ва бомби худсохт пайдо карда шуд",- гуфтааст НАК.

Як манбаъ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Доғистон ба хабаргузории РИА "Новости" хабар додааст, ки ду нафар аз боздоштшудаҳо зодагони Осиёи Марказианд. "Коммерсант" хабар медиҳад, ки дар чараёни "амалиёти зиддитеррористӣ" як сокини Доғистон ва ду зодаи Тоҷикистон боздошт шудаанд. Манбаъ менависад, ки дастгиршудаҳо дар Махачқалъа ва Каспийск кори сохтмон мекарданд ва ҳамчунин ба амалиётҳо бо криптовалюта машғул буданд, вале дар айни замон "дар ҷамъомадҳои тундравони динӣ низ фаъол будаанд".

## ИХРОЧИ 466 МУҲОҶИР ДАР 4 РӮЗ

**Баъди ҳамлаи хунини рӯзи 22-юми марти соли 2024, дар байни ҳамагӣ 4 рӯз аз шаҳри Санкт-Петербурги Русия 466 муҳоҷирро ихроҷ кардаанд.**

Даря Лебедева, раҳбари хадамоти муштараки матбуоти додгоҳҳои шаҳри Санкт-Петербурги Русия рӯзи 30-юми марти соли 2024 хабар дод, ки аз 25 то 29-уми март ба додгоҳҳои ин шаҳр 584 парванда оид ба поймол кардани қонунҳои муҳоҷират супурда шуд ва 515 парванда алакай баррасӣ шуда, дар умум беш аз 300 қарор дар мавриди ихроҷи шаҳрвандони хориҷӣ аз Русия содир карда шуд.

"Қарори додгоҳҳо чунин аст: 418 вайронкунандаи қонунҳои муҳоҷират ҷарима баста шуда, ҳукми ихроҷашон низ бароварда шуд. 48 нафари дигар бояд ҷарима супурда, худашон мустақилона қаламрави Русияро тарк кунанд. Парвози мустақилона, вале зери назорати онҳо аз Русия бояд дар зарфи 5 рӯз аз замони қувваи қонунӣ гирифтани ҳукми ихроҷашон сурат бигирад",- хабар додааст Даря Лебедева.



## МУҲОҶИР, ЭҲТИЁТ БОШ!

**Мақомоти тафтишотии шаҳри Санкт-Петербурги Русия бар зидди як шаҳрванди 26-солаи Тоҷикистон бо иттиҳоми дар маҳзари ом сафед кардани терроризм парванда кушодаанд.**

Хадамоти матбуоти Сарраёсати тафтишоти Санкт-Петербург рӯзи 28-уми марти соли 2024 хабар дод, ки ин ҷавони тоҷик дар шарҳҳояш дар Интернет ҳамлаи хунини ҳафтаи гузашта дар шаҳри Красногорско сафед кардааст.

Тафсилоти дигар дастрас нест. Дар сабти кӯтоҳе, ки ин ниҳод нашр кард, ҷавони тоҷик мегӯяд, ки "иштибоҳҳоямро ба гардан мегирам ва самимона изҳори пушаймонӣ мекунам".

Бахтовар Ҷумъаев, ҳуқуқшиноси тоҷики муқими Русия пас аз нашри ин видео бо нашри паёме муҳоҷиронро ба эҳтиёт даъват кард: "Мардум, чаро шумо ин қадар соддаед ва дар чаҳолат қарор доред? Коммент чӣ ба забони тоҷикӣ менависед, чӣ ба дигар забон, чӣ бо дигар телефону аккаунт, шуморо пайдо мекунанд ва аз ҷавобгарӣ намегурезед. Хусусан дар Русия. Ҳатто забони нимтоҷикии шуморо бо даххо хатоӣ мефаҳманд (мисоли оддӣ дар навор). Бузургони мухтарам, фарзандон ва ақрабои худро каме лаҷом бикашед!".

## БОЗДОШТИ ЯК ТОҶИК ДАР ТУРКИЯ

**Дар Туркия як шаҳрванди Тоҷикистон бо иттиҳоми терроризм ва ба гумони омода кардани ҳамлаи террористӣ боздошт шуд. Дар ин бора рӯзномаи туркии "Ҳуррият" хабар медиҳад.**

*Ба гуфтаи манбаъ, дар Истанбул хадамоти вижаи Туркия ду узви ДОИШ - як шаҳрванди Қирғизистон ва як шаҳрванди Тоҷикистонро боздошт карданд. "Боздоштшудаҳо қасди як ҳамлаи террористиро дар Истанбул доштанд",- гуфтаанд мақомоти амниятии Туркия.*

## ТАҒЙИРОТ ДАР ҚОНУНИ РУСИЯ

*Шаҳодатномаи ронандагии Тоҷикистон беэътибор шуд?*



**Дар Русия ба Қонуни федералӣ "Дар бораи бехатарии ҳаракат дар роҳ" тағйирот ворид гардид ва аз 1-уми апрели соли равон мавриди амал қарор мегирад. Яке аз тағйирот дар ин қонун эътироф нашудани шаҳодатномаҳои ронандагии миллӣ ва байналмилалӣ аст, аз ҷумла шаҳодатномаи ронандагии Тоҷикистон.**

**Шаҳодатномаи ронандагӣ дар ҳолатҳои зерин беэътибор мешавад:**

- *пас аз як сол аз лаҳзаи гирифтани Ҳуҷҷати иҷозаи зист (ВНЖ) ё дарёфти шаҳрвандии Русия;*
- *пас аз як сол аз лаҳзаи вуруди соҳиби он барои иқомати доимӣ дар Русия, ки шаҳрванди Русия мебошад.*

Масалан, агар то 1-уми апрели соли 2024 ронанда беш аз як сол шаҳрванди Русия ҳисобида шавад ва бо шаҳодатномаи ронандагии хориҷӣ воситаи нақлиётташро идора кунад, пас ба ӯ лозим меояд, ки ҳуҷҷаташро фавран иваз намояд. Агар ӯ танҳо як моҳ пеш шаҳрвандӣ гирифта бошад, барои иваз кардан 11 моҳи дигар вақт ҳаст.

Истисно танҳо барои шаҳрвандони Беларус пешбинӣ шудааст.

Онҳое, ки мошини сабукрав доранду шаҳрванди кишвари дигаранд, бояд дар Сарнозироти бехатарии ҳаракат дар роҳ (ГИБДД) аз назария имтиҳон супоранд. Имтиҳони амалӣ супоридан лозим намеояд. Аммо барои ронандаи автобус, автомашинаҳои боркаш ё катораҳои воситаҳои нақлиёт ҳатман супоридани имтиҳони амалӣ лозим мешавад. Инчунин, сарфи назар аз категорияҳои шаҳодатнома, аз муоинаи тиббӣ гузаштан муҳим аст. Ронандагоне, ки шаҳодатномаи ронандагиро иваз накарда, ба кор идома медиҳанд, аз 5 то 15 ҳазор рубл ҷарима месупоранд.

Абдулҳамид Самад:

# АГАР МИЛЛАТ ОЯНДАРО ФИКР НАКУНАД, БА ШИКАСТ РӮ БА РӮ МЕШАВАД!



**НАВИСАНДАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН, БАРАНДАИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ АБДУЛҲАМИД САМАД АЗ ЗУМРАИ АДИБОНЕСТ, КИ НАХУСТИН ШУДА МАВЗУЪИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОНРО МАВРИДИ ТАҲҚИҚИ БАДЕӢ ҚАРОР ДОДА, РОМАНИ “ГАРДИШИ ДЕВБОД”-РО ТАЪЛИФ КАРД. НАВИСАНДА МЕГӮЯД, КИ АСАРҲОИ ТАЪРИХӢ БОЯД ҶОМЕАРО БЕДОР КУНАНД, ТО ИШТИБОҲҲОИ ГУЗАШТА ТАКРОР НАШАВАНД…**

## Раҳоварди зиндагӣ

**- Устод, шумо солҳои охир анъанаи эҷодии устод Садриддин Айниро идома дода, ба ёддоштнависӣ даст задед ва алакай қисмҳои аввали ёддоштҳоятон нашр шуд. Чӣ чиз шуморо ба ин кор водор кард?**

- Албатта, ин муъҷизае нест, мумкин ҳамаи нависандагони мо дар бойгонияшон рӯзнома доранд. Ман аз солҳои пеш рӯзнома менавиштам, дафтарҳои ман аз марҳилаҳо, ҳолату лаҳзаҳои гуногуни умр иборатанд. Чун синну солам ба ҷое расид, хостам, ки ҳеҷ набошад қисмати аввали онҳоро ба чоп омода кунам. Рӯзнома ва ёддошт - “Раҳоварди зиндагӣ” асои дами пириам шуданд.

**- Чанде қабл китоби шеърҳоятон ҳам чоп шуд. Шумо аз кай шеър менависед?**

- Аз давраи мактабхонӣ ин ҳавасро доштам, ҳаваси ҷавонӣ. Баъд, дар давраи донишҷӯӣ, солҳои 1965-1969 баъзе аз шеъргунаҳои ман дар рӯзномаи “Педагоги ҷавон” (ҳоло “Омӯзгори ҷавон”) -и Донишкадаи омӯзгорӣ чоп шудаанд. Ростӣ, даъвои шоирӣ карданам зиёдравӣ мешавад, чун дар адабиёти муосирамон шоирони барҷаста бисёр дорем, ки чашмаи шеър ҳастанд. Шеърнависии ман аз рӯи ҳавас аст. Барои ҳамин дар китобам “Ин саҳар”, ки худнашр аст, онҳоро “шеъргуна” гуфтам.

## Фазилати мардум

**- Як бахши китоби "Ин саҳар"-и шумо шомили зарбулмасалу мақолҳоест, ки давоми солҳои гуногун ҷамъоварӣ кардаед. Дилбастагии шумо ба забони зиндаи халқ аз куҷо маншаъ мегирад ва то куҷо муҳим аст, ки нависанда дар баробари забони адабӣ боз лаҳҷаҳоро низ бидонад?**

- Адабиёти шифоҳии мо дар баробари дигар шоҳкориҳои адабиёти классикиамон қадру қиммати воло доранд ва шоҳкор ҳастанд. Банда пешгуфтори ин бахши китобамро “Масал беҳ аз асал” номидам. Зарбулмасалу мақолҳо фазилати мардуманд, ки аз аҳди қадим гавҳару дурдонаҳоро дар бар мегиранд. Одамон суханҳоеро мегӯянд, ки аз шуниданашон кас дар ҳайрат мемонад. Онҳо вазни як роман, як достонро доранд. Ман аз замони наврасӣ дар байни мардум будам ва бо мӯйсафедон кор мекардам. Аксари онҳо аз ҷанг баргашта буданд, пиронсол буданду хазинаи масалу мақолу гӯишҳо. Баъдан аз соли 1969 дар рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” (ҳоло “Ҷумҳурият”) 10 сол бо рӯзноманигорони солманду доно кор кардам. Сипас, солҳои зиёд дар маҷаллаи “Садои шарқ” ва Иттифоқи нависандагон бо устодони бузург ҳамкор будам. Онҳо ин меҳрро дар қалби ман парвариданд. Устод Лоиқ, ёдашон гиромӣ бод, ҳар ҷое, ки мерафтанд, аз саросари Тоҷикистон як вожаи зебо, як таркиб, як рубоӣ, як мисраъ, як зарбулмасал ё мақол, ки меёфтанд, ёддошт мекарданд ва онро чун бозёфт ба мо мегуфтанд. Баъзан эътироз ҳам мекарданд, ки як роман, ки асари бузургро нури чашм сарф карда мехонӣ, дар дохилаш ҳадди ақал як мақол, як зарбулмасал намеёбӣ. Ин ишораи устод дарс буд. Ман мухлиси истифодаи зарбулмасалу мақолҳои нав ҳастам. Чун дар наклиёти ҷамъиятӣ меравӣ, байни одамон гуфтугӯ ё баҳс ба миён меояд. Онҳо на чизҳои обшустаро, ки мо дар адабиёт борҳо хондаем, балки тамоман чизи дигарро мегӯянд, ки аз шуниданаш дил шод мешавад. Онҳо моли мардуманд. Вазифаи мо ин аст, ки ин ганҷинаро дар ягон шакл ҳифз бикунему боз ба мардум баргардонем. Ман дар ин китоб қариб 900-то зарбулмасалу мақол пешниҳод кардам ва мекӯшам, ки ин шуморо ба 1000 расонам. Акнун мебоям, масалу мақолҳои зиёдеро ҷамъ оварам ва аз миёни онҳо беҳтаринҳоро интихоб бикунам. Ин корро ба хотири он мекунам, ки онҳое дар оянда бо сухан, бо адабиёт, бо наср сарукор мегиранд, аз ин сарчашма истифода баранд. Он ганҷинаи хазинаи миллати мо мебошад.

## Се марҳилаи ҳассос

**- Мехоҳам дар мавриди романи “Гардиши девбод” суҳбат кунем. Ба андешаи муҳаққиқон ин роман, дар эҷодиёти шумо гардиши калон ва дар насри муосири тоҷик падидаи нав аст: аз як зовия нигаристан ба се марҳилаи пуртаззоди таърихи тоҷикон. Чаро маҳз ин фоҷеаҳо диққати шуморо ҷалб карданд?**

> **УСТОД ЛОИҚ, ЁДАШОН ГИРОМӢ БОД, ҲАР ҶОЕ, КИ МЕРАФТАНД, АЗ САРОСАРИ ТОҶИКИСТОН ЯК ВОЖАИ ЗЕБО, ЯК ТАРКИБ, ЯК РУБОӢ, ЯК МИСРАЪ, ЯК ЗАРБУЛМАСАЛ Ё МАҚОЛ, КИ МЕЁФТАНД, ЁДДОШТ МЕКАРДАНД ВА ОНРО ЧУН БОЗЁФТ БА МО МЕГУФТАНД.**

- Мо, насли мо, насли аз мо калонтар ба гирдбоди бисёр шадиди зиндагӣ гирифтор шуд. Бар асари воқеаҳои фоҷиабори охири асри ХХ аз дарду алам мо рӯйдодҳои бисёр сангини гузашта, таърихи пуршебу фарози халқамонро пеши назар овардем. Дар романи “Гардиши девбод” ҳаводиси сад сол, ё каму беш аз сад сол, ки миллати мо се фоҷеаи бузургро аз сар гузаронид, ба таври бадеӣ таҳқиқ шудаанд. Лекин агар дақиқ нигоҳ кунем, қаблан ҳам, дар асрҳои 9 ва 10, ҳатто пеш аз он ҳам, миллати мо бар асари нофаҳмӣ, гирифтор шудан ба ангезаҳо ва тааммул накардан бар сари худаш бадбахтиҳо ва шикасту рехти фоҷеаборе зиёд овардааст. Чуноне, ки устод Лоиқ бедору ҳақталош мегӯянд: “Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо”. Ана ҳамон ҷабри таърих агар баъзе аз рӯйи бадхоҳиву бадбинии ғосибону аҷнабиён бошад, дар бисёр маврид бар асари талошҳо барои шуҳрат, тоҷу тахт, гирифториҳои нафс ва ғайра будааст. Давраи инқилоб низ истисно нест. Ҳамин аст, ки бисёре аз нависандаҳои мо ба таҳқиқи бадеии ҳамин давраҳо пардохтанд. Аз ҷумла, раҳнамои миллати мо устод Айнӣ ва пайравонашон Ҷалол Икромиву Сотим Улуғзода чунин фоҷеаҳои таърихро навиштанд. Ёдашон гиромӣ бод! Ин як навъ хушдор аст: таърихро танҳо ба хотири таърих наменависанд, таърихро барои он менависанд, ки аз он миллат ибрат гирад, ояндаашро андешад. Агар миллат ояндаашро фикр накунад, ба шикаст рӯ ба рӯ мешавад. Инқилоб паёмадҳои бисёр харобиовар дошт, бисёр одамони гуноҳкору бегуноҳ аз дами шамшер гузаштанд, сарнавишташон печида шуд. Аз Ватан рафтанд. Марҳилаи дигари ҷабри таърих “таъқибот” буд, ки беҳтарин зиёиён ва сиёсатмадорони тоҷикро бо баҳонаи “душмани халқ” зиндон карданд, баъзеашон зинда монданд, бисёриҳо ҳукми қатл гирифтанд. Фоҷеаи бисёр сангин. Дар ҷумҳурие, ки зиёияш, равшанфикраш ё сиёсатмадори дурбину зиракаш ангуштшумор буд, ба ин гирдоб афтиданд, бо ҳар тамға несту нобуд карда шуданд. Қаҳрамонҳои миллати мо Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ба ин гирдоб афтиданд. Устод Айнӣ бо талошҳои зиёд, ба бахти миллати мо зинда монд. Ин фоҷеаро пушти сар кардем, ки боз ҷанги дуюми ҷаҳон сар шуд ва дар он ба домани 90 ҳазор мардон ё аз ин ҳам зиёдтар рафтанд, ки дар байнашон шоирон, нависандагон ва олимони беҳтарини мо ҳам буданд, бисёри онҳо барнагаштанд, ғарибхок, шаҳид шуданд. Аз қабили Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода... Падарону модарон, зану фарзанд ва пайвандони сарбозони ба ҷанг рафта аз ғаму даҳшат, нодориву ҳасрат дар ақибгоҳ нобуд шуданд. Баъд аз ҷанг мардум нав ба рӯзгори осуда расида буд, ки боз фоҷеаҳои дохилии мо сар шуд. Сангинтарин фоҷеа! Чун сабаби дигар фоҷеаҳоро мо аз инқилоб, таъқибот, ҷанги ҷаҳонӣ баҳона мекардем, вале ин низоъ бисёр дарднок буд: якдигаркушӣ, бародаркушӣ, харобкорӣ... 150 ҳазор нафар нобуд шуда, бадбахтиҳо беҳисоб... Дар ин мавзуъ асарҳои зиёд навиштанд. “Гардиши девбод” ягона нест, фақат бисёриҳо дар гармиаш навиштанд ва дар оянда ҳам дар ин мавзуъ асарҳо пайдо мешаванд, ки шояд аз “Гардиши девбод” хубтару дақиқтар таҳқиқи бадеӣ меёбанд. Вале қарзи ман буд, ки ҳамин фоҷеаи бисёр сангин ва талхи охири асри бистро бо таҳқиқи бадеӣ пешниҳоди хонанда гардонам. Ба саволҳои “Чаро?”, “Барои чӣ?” посух бигӯям.

## Роҳи сухан душвор аст!

**Вазъи насри имрӯзаро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?**

- Аслан бад нест. Китобҳо бо ҳар роҳ бисёр чоп мешаванд. Маҷаллаи “Садои шарқ” пайваста ба нашр мерасад.

(Давомаш дар саҳ.15)

# ВАДУД МАҲМУДӢ

## Сарнавишти талхи авлоди Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва вазири фойтунсавор

**Ӯ аз ҷавонӣ дар сафи онҳое қарор гирифт, ки барои бедории миллати тоҷик талош мекарданд. Вақте 18-сола буд, Файзулло Хоҷаев соли 1920 раиси Шӯрои Комиссарони Халқ таъйин гардида, Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухороро ташкил менамояд, ба Вадуд Маҳмудӣ вазифаи нозири (вазири) маориф пешниҳод мешавад, вале дере нагузашта ба зиндон меафтад...**



### Авлоди Мир Саид Алии Ҳамадонӣ

Вадуд Маҳмудӣ яке аз олимони забардастест бо дониши энсиклопедӣ, ки соли 1897 дар гузари Хоҷа Зулмуроди шаҳри Самарқанд дар оилаи мударрис таваллуд ёфтааст. Ӯ дониши ибтидоиро дар назди олими пурдони замон, падари бузургвори худ аз бар карда, сипас дар мактаби усули ҷадидии муаллим Абдуқодир Шакурӣ таҳсил кардааст.

В. Маҳмудӣ аз хурдӣ ба азхудкунии илму дониш ҳарис ва кӯдаки хушодоби дорои ақли ҷӯё ва хотираи гиро будааст. Падари ӯ мулло Маҳмудҷон Махдум аз наждоди файласуфи бузурги шарқ Мирсаид Алии Ҳамадонӣ будааст. Дар дафтари хотироташ В. Маҳмудӣ, ки ба соли 1934 нисбат дорад, менависад: “Аз амакпочом мулло Зикриё шунидаам: Дар вақти зиндагии падарамон аз Кӯлоб шахсе омада, ҳуҷҷатҳо оварда ва таклиф намудааст, тамоми ҳуқуқи сари мазори Мир Саид Алии Ҳамадонӣ муғаввиз (маҳфуз) аст, бояд бираванд ва аз он молик шаванд, зеро авлоди Амир Саид Алӣ ҳастанд ва дар ин овон ғайр аз эшон аз он авлод муносибтар ба он мақом касе нест.

Мегуфтанд, ки падарамон ин таклифро рад кардаанд ва аз ҷониби худашон он шахсро ба он кор муайян ва тамоми ихтиёрро ба ӯ вогузор намуда фиристодаанд.

Ва мегуфтанд, ки дар Талиато дар дасти хешҳои аммабибиамон шаҷарае ҳаст, ки дар пӯсти оҳу навишта шуда ва дар он насаби мо ба Амир Саид Алӣ мунтаҳӣ мегардад”.

Ин маъниро худи В. Маҳмудӣ дар як рубоияш чунин ба қалам додааст:

*Гӯянд ҳама наждоди мо туи ба ту,*
*Буданд зи аҳли фазлу тақво хушхӯ.*
*Бо он ҳама меарзад, к-аз фазли Худо,*
*Фахранд ба ман, на ман ба эшон, ё Ҳу.*

**(Эзоҳ: туи ба ту - так ба так: қабат ба қабат).**

### Вазири фойтунсавор

Вадуд Маҳмудӣ аз чавонии худ нафақат асарҳои тадқиқотӣ, танқидӣ, методӣ навиштааст, балки ӯ тарҷумони моҳир, журналисти шинохта, донандаи забони арабӣ, англисӣ, немисӣ, туркӣ ва ғайра низ будааст. В. Маҳмудӣ марди миёнақади росқомати абрӯсиёҳи нуронӣ буд.

Марди зарифи шӯхтабиати базлагӯй буд ва дар байни ҳар сухан муносиби он байт, латифа, чистон мегуфт. Суҳбаташ барои ҳар гуна шунавандаи гуногунсавия мувофиқ ва мутаносиб сурат мегирифт. Калимаҳои сермаъноро устокорона истифода мекард. Аз суҳбати ӯ сомеъ ҳаловат мебурд, хаста намешуд, баробари хотима ёфтани он афсӯс меҳӯрд, ки чунин суҳбати ширин чӣ зуд ба охир расид. Ҳарчанд он соатҳои зиёд давом карда бошад ҳам.

Ӯ аз ҷавонӣ ба корҳои маориф ва мактаб шуғл варзида, кайҳо аз овони



18-солагӣ ба дараҷаи вазири маориф расидааст. Тавре ҷиянҳои Вадуд Маҳмудӣ - олимони машҳури ҷумҳурӣ, устодон Ҳамид Мансуров ва Камол Айнӣ ёдоварӣ менамоянд, Ҳукумати Ҷумҳурии Бухоро ба Вазорати маориф як адад фойтуни сурх ҷудо карда будааст. Бинобар ин Вадуд Махмудиро вазири фойтунсавор мегуфтанд.

Чунин олими забардаст, чунин як шахси дар илму олимӣ ғолибу тавоно дар замони набудани истиқлоли миллӣ аз тарафи, ба қавли худи ӯ, чанд одами хом ба ҳабс гирифта шуда, се маротиба 10-солӣ ҳукми ҳабс гирифтааст. Аз ин 30 сол 25 солашро дар ҳабсхонаҳову лагерҳои дурдасти Архангелску дигар ҷойҳои сард гузаронида бошад ҳам, аз кори эҷодӣ даст накашидааст. Дар ҳабсхонаҳо ҳам эҷод карда, сахтиҳои маҳбусӣ, ғарибӣ, танҳоӣ ва фироқи дурӣ аз ёру диёру ақрабояшро номаълум карданӣ шудааст.

### Шеърҳои зиндонӣ

Аз рубоӣ, ғазал, қитъа, мухаммас ва дигар навъҳои осори гаронбаҳои Вадуд Маҳмудӣ маълум мегардад, ки дар истиқлолхоҳӣ барои халқу ватани худ, расму оини мардуми худ дар Осиёи Миёна кӯшо будааст. Инак як шеъри ӯро мисол меорам, ки дар он ин гунаҳкори бегуноҳ, ин қурбонии роҳи истиқлол ва озодии миллат барои чӣ маҳбус гаштани худ, ба ин маҳбусӣ репрессияи умумӣ ба халқи ватан чӣ гуна таъсир карданашро баён кардааст. Ин шеър бори аввал нашр мешавад:

*Ба аҳволи мо мардумон гиря кардаид,*
*Чу моро дар он рӯз асирона бурданд.*
*Чи хунҳо, ки аз дидаи мо равон шуд,*
*Ба ёди ту, эй лолазори Самарқанд.*
*Чи шабҳо, ки дар ҳаҷри ту рӯз кардам,*
*Нигори ҷудомонда аз ёри дилбанд.*
*Чи оташ, ки бар ҷони моён науфтод,*
*Ба савдои лаъли лабони шакарханд.*
*Чи ҳарфе бувад инки гуфтем, ин хок,*
*Бимонад таги пои ағёр то чанд?*
*Чи ҳарфе бувад ин ки гуфтем занҷир,*
*Тани қавли моро напечад ба ҳар банд!*
*Чи ҳарфе бувад инки гуфтем инсон,*
*Чаро ҳақ надорад ба поси худованд?*
*Чи ҳарфе бувад инки гуфтем миллат,*
*Бигирад раҳу расму оини арзанд!*
*Чи ҳарфе бувад инки гуфтем дунё,*
*Раҳояд зи бедод, ҷаҳон пок якчанд.*
*Чи ҳарфе бувад инки гуфтем довар,*
*Бувад раҳбари ҷадду обову фарзанд.*
*Аз ин рӯ ба мо гашт душман ду-се хом,*
*Аз ин рӯи рӯӣ моро ба зиндон биафканд.*
*Аз ин рӯӣ моро ҷудо кард аз ёр,*
*Аз ин рӯӣ моро ба мулки дигар канд.*
*Аз ин рӯӣ моро ба ҳабси дарозе,*
*Гирифтор карду ба хуноба оганд.*
*Ба дашти шимолӣ фикандаид моро,*
*Зи боғоту бӯстону гулзори чун қанд.*
*Худоё, биҳоҳам аз Ту адолат,*
*Бигир интиқом ин қадар хор мапсанд.*
*Ки то чанд рӯзе дар оғӯши дилбар,*
*Бинӯшем аз лаъли лабҳо шакарханд.*
*Чунон талх гаштааст комам, ки ҳаргиз,*
*Ба ёдам намондааст таъми шакарқанд.*
*Бас аст ин қадар зулм дидем эй Ҳақ,*
*Аз ин беш афтодагимон Ту мапсанд.*

### Вадуд Маҳмудӣ ва Садриддин Айнӣ

Устод Айнӣ баъд аз 75 калтак зада шуданаш ва табобат дар бемористони Когон ва Самарқанд омадааст ва дар назди муаллим Шакурӣ ва наздикони вай сарпаноҳӣ меёбад. Дар хонаводаи Шакурӣ фарзандони дар ин хангом ятим шудаи мулло Махмудҷон Махдум тарбият меёфтанд ва духтари ӯ Салоҳатбегимро ба Айнӣ ба занӣ медиҳанд. Аз ин дам хешовандии устод Айнӣ ва Вадуд Махмудӣ оғоз меёбад ва ин ду озодмард, ду олими барҷаставу намоён бо ҳам ба андозае дӯст мешаванд, ки мо инро аз мактубҳои дар вақтҳои аз ҳам дуриашон дида метавонем. Онҳо дар масъалаҳои шеъру адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва туркӣ ҳамдигарро хеле хуб мефаҳмиданд ва дастгирӣ мекарданд.

Дар бораи Вадуд Маҳмудӣ, хаёт ва эҷодиёти ӯ хоҳарзодагонаш, академикҳо, доктори илми тиб Ҳамид Ҳусейнович Мансуров ва шарқшинос Камолиддин Садриддинзода Айнӣ бехтару пурратар навиштаанд. Албатта мо бачаҳои падар баъзе чараёнҳои зиндагӣ ва бо ҳам будан бо падарро дорем, ки дар дигар ҷой навишта мешавад.

Вадуд Маҳмудӣ дар ашъори худ ба ҳақ будани фикрҳое, ки дар бораи истиқлолу миллату халқи худ баён кардааст, ҳеҷ шубҳа надорад. Ӯ аз рӯзҳои аввали маҳбусиаш то ба озодӣ баромадан худро бегуноҳу ҳақ мешуморид ва таърих ҳам ин назарияи ӯро дар амал тасдиқ кард. В. Маҳмудӣ азбаски ба ақидаи худ устувор буду боварии қатъӣ дошт, ҳамеша рӯҳбаланду некбин буд.

Соли 1954 вақте аз зиндон раҳо мешавад, ба директори вақти Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ Носирҷон Маъсумӣ номае менависад. Пас аз ин нома Вадуд Маҳмудӣ ба кори таълифи “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ҷалб карда мешавад. Ӯ то поёни умраш (соли 1976) дар Институти номбурда фаъолият мекард.

Дар охир матни номаи Вадуд Махмудиро ба Носирҷон Маъсумӣ манзури шумо мегардонем.

### Нома ба Маъсумӣ

Аз он рӯзгоре, ки нависандаи ин номаро дар ин сафаҳот мешинохтанд, хеле замон гузаштааст ва имрӯз кам андар кам касе мондааст, ки он рӯзҳоро дар ёд дошта бошад. Яке аз он касоне, ки он аҳволотро медониста бошад, ба назарам шумоед, бинобарон ба шумо навиштанӣ шудам.

Ман аз падарам ҳафтсола мондам. Падарам мулло, мударрис буданд. Баъд аз вафоти падарам ман дар дасти тағоям муаллим Шакурӣ бузург шудам. Модарам, дар хотир дорам, ки дар як шабонарӯз як ҷомаи бозорӣ медӯхт, ки дар пули он замон як тангаи Бухорӣ музд мегирифт, ки ба ҳисоби ин рӯзҳо понздаҳ тин мешавад ва мо се хоҳару як бародарро парасторӣ мекард.

Аз ҳамон синни ҳафтсолагӣ падарам маро ба мактаби Шакурӣ гузошта буд ва то солҳои дувоздаху сенздаҳи асри бисти мелодӣ, ки синни ман ба понздаҳ - шонздаҳ расидааст, дар ҳамон мактаб дар риштае таҳсил кардаам ва аз ҳамин муддат сар карда ба ёрмандии муаллим кӯдакони навомӯзро ба хондан таълим мекардагӣ шудам.

**(Давомаш дар саҳ.15)**

ҶУДО

# НИШОНИ НУҚРА ВА БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ АНТАЛИЯ

**Паҳлавонони Тоҷикистон дар ҳайати 11 нафар дар мусобиқаи Antalya Grand Slam 2024 ширкат карданд ва ду тан аз онҳо ба гирифтани медал мушарраф гардиданду яке ҷойи 5-умро касб кард.**

Дар рӯзи якуми мусобиқаи Antalya Grand Slam 2024 ҷудокорони тоҷик Эмомалии Нуралӣ ва Обид Чебов зери вазни то 66 кг аз худ ҳунару маҳорати баланд нишон дода, ба гирифтани медалҳои мусобиқа даст ёфтанд. Эмомалӣ барандаи нишони тилло ва Чебов барандаи нишони нуқраи вазни то 66 кг шуданд.

Обид Чебов дар даври аввал ҷудокори мизбон Миҳрак Аккуси 23-сола, дар даври дуюми Рашад Йелкийеви озарӣ, дар даври сеюм Орландо Поланкои кубагиро мағлуб кард. Дар даври чорякниҳоӣ бахт ба рӯи Обид Чебов нахандид ва ӯ аз Валид Кяри фаронсавӣ мағлуб шуда, ба даври тасаллобахш рафт. Чебов дар даври тасаллобахш бар Нармандах Байанмунх аз АМА дар 14 сонияи пирӯзӣ ба даст оварда, дар мубориза барои нишони биринҷӣ Муҳаммад Демирели мизбонро дар 44 сонияи бо имтиёзи иппон шикаст дод.

Эмомалии Нуралӣ (-66 кг) дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм Элиос Манзии итолиёвӣ, дар даври сеюм Ҳаким Оғомаммедови туркман, дар даври чорякниҳоӣ Ойбек Уғлуи қирғиз, дар даври нимниҳоӣ Муҳаммад Демирели мизбонро шикаст дода, ба финал баромад. Дар финал аз қаҳрамони чоркаратаи ҷаҳон ва қаҳрамони олимпӣ Ҳифуми Абеи 26-сола аз Ҷопон мағлуб шуда ва бо нишони нуқраи мусобиқа иктифо кард.



Ба ҷуз аз Абубакр Шеров (-73 кг), ки ҷойи 5-умро гирифт, дигар варзишгарони Тоҷикистон - Аҳлия Муминова, Меҳрзод Суфиев, Ҳақдод Гулов, Сомон Маҳмадбеков, Комроншоҳ Устопириён, Умеджон Раҷабов, Ҷаҳонгир Маҷидов, Парвиз Абдураҳмонов ноком шуда, аз идомаи рақобатҳо бенасиб монданд.

Тоҷикистон бо як нишони нуқра, як нишони биринҷӣ ва як мақоми панҷум мусобиқаи Antalya Grand Slam 2024-ро ҷамъбаст кард. Ҷопон бо 5 нишони тилло, 1 нишони нуқра ва 2 нишони биринҷӣ дар феҳраст мақоми аввалро ишғол кард.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# БОЗИҲО ДАР ЛИГАИ ОЛӢ 6-УМИ АПРЕЛ ОҒОЗ МЕШАВАНД




**Мавсими 33-юми Чемпионати футболи Тоҷикистон 6-уми апрел оғоз шуда, дар Лигаи олӣ бо ширкати 12 даста дар ду марҳила баргузор мешавад. Дар маҷмуъ, ҳар даста дар 22 бозӣ анҷом медиҳад.**

Дастае, ки дар мавсими соли 2024-и Лигаи олӣ мақоми охиринро ишғол мекунад, ба Лигаи якум меравад ва дастае, ки дар чемпионат ҷойи ёздаҳумро мегирад, бо барандаи медали нуқраи Лигаи якуми Чемпионати Тоҷикистон-2024 бозиҳои гузаришӣ баргузор мекунад.

Дастаҳои «Хуҷанд» (Хуҷанд), «Ҳосилот» (Фархор), «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода), «Истиқлол» (Душанбе), «Баркчӣ» (Ҳисор), «Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), КМВА (Душанбе), «Равшан» (Кӯлоб), «Истаравшан» (Истаравшан), «Вахш» (Бохтар), «Куктош» (Рӯдакӣ) ва «Эсхата» (Хуҷанд) дар Лигаи олӣ бозӣ мекунанд.

Дар даври якум 6-уми апрел «Хуҷанд» бо «Эсхата», «Регар-ТадАЗ» бо «Вахш» ва «Баркчӣ» бо «Равшан», 7-уми апрел «Ҳосилот» бо «Куктош», «Истиқлол» бо «Истаравшан» ва «Панҷшер» бо КМВА вомехӯранд.

ФУТБОЛ

# ҚУРЪАКАШИИ ЛИГАИ ЯКУМИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН

**Дар Душанбе маросими қуръакашии бозиҳои мавсими 33-юми Лигаи якуми футболи Тоҷикистон баргузор шуд.**

Ин мавсим дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон 13 даста иштирок мекунанд. Инҳо ду даста аз ноҳияи Восеъ - "Файзканд" ва "Ҳулбук", "Мохир"-и Ёвон, "Парвоз"-и Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд, "Шодмон"-и Ҳисор, "Сарҳадчӣ"-и Ҳамадонӣ, "Саройкамар"-и ноҳияи Панҷ, "Исфара"-и Исфара, "Душанбе"-и пойтахт, инчунин чор дастае, ки ҳамин мавсим аз Лигаи дуюм роҳхат ба Лигаи якум ба даст оварданд - "Ёкут"-и Вахдат (собиқ "Вахдат") ва "Сардор"-и Турсунзода (собиқ "Регар") аз минтақаи Душанбе, "Сомон"-и Данғара аз минтақаи Хатлон ва "Саразм"-и Панҷакент аз минтақаи Суғд ҳастанд.

Мавсими нави Лигаи якум 20-уми апрел оғоз мегардад ва дар ду марҳила баргузор мешавад. Ғолиби Лигаи якум роҳхати мустақим ба мавсими ояндаи Лигаи олӣ ба даст меорад, барандаи медалҳои нуқраи Лигаи якум бо дастаи зинаи 11-уми Лигаи олӣ ду бозии гузаришӣ анҷом медиҳанд.

Дар даври аввал "Мохир" бо "Саразм", "Ёкут" бо "Шодмон", "Саройкамар" бо "Файзканд", "Сомон" бо "Сардор", "Ҳулбук" бо "Сарҳадчӣ" ва "Исфара" бо "Душанбе" бозӣ мекунанд.

ДАВ

# НИММАРАФОНИ ДУШАНБЕ БАХШИДА БА 100-СОЛАГИИ ПОЙТАХТ

**Имсол пойтахти Тоҷикистон 100-сола мешавад. Ба ифтихори Рӯзи шаҳр дар пойтахт ниммарафони 14-уми Душанбе баргузор мешавад.**

Тибқи қарори раиси шаҳри Душанбе, рӯзи 20-уми апрел дар пойтахт ниммарафони XIV-уми байналмилалии Душанбе баргузор мешавад, ки ба Рӯзи пойтахт бахшида шудааст.

Дар назар аст, ки дар он варзишгарони Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Ҳабашистон




ва варзишгарони ҳирфаӣ аз Тоҷикистон ширкат кунанд. Ниммарафон ба тақвими Ассотсиатсияи байналмилалии варзиши сабук (IAAF) дохил шудааст.

Масофаи ниммарафон 21 километру 97,5 метрро ташкил хоҳад дод.

Дар ниммарафони гузашта, ки 15-уми апрели соли 2023 баргузор шуд, варзишгарони бародаршаҳрҳо ва шаҳрҳое, ки бо шаҳри Душанбе ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ доранд, аз Аврупо, Амрико, Африқо ва Осиё ширкат доштанд. Варзишгароне, ки ҷойи 1-умро гирифтанд, бо 39200 сомонӣ, ҷойи 2-юм - 33600 сомонӣ, ҷойи 3-юм – 28000 сомонӣ, ҷойи 4-ум - 22400 сомонӣ, ҷойи 5-ум - 20160 сомонӣ, ҷойи 6-ум бо 1600 сомонӣ қадрдонӣ шуданд. Дар қарори шаҳрдори Душанбе гуфта мешавад, ки барои ташкили ин чорабинӣ аз ҳисоби маблағҳои Фонди рушди пойтахт 546 ҳазору 860 сомонӣ ҷудо мешавад.

## РЕЗААХБОР

Клубҳои футболи Тоҷикистон пеш аз оғози мавсими нав бозиҳои санҷишӣ баргузор карданд. «Истиқлол»-и Душанбе «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзодаро бо ҳисоби 4:1 мағлуб кард. «Хуҷанд»-и Хуҷанд дар бозии дӯстона бо «Нефтчӣ»-и Фарғона бо ҳисоби 0:3 мағлуб шуд.

***

Варзишгари навраси тоҷик Сомон Турсунзода дар Мусобиқаи байналмилалии ҷудои «Dzyudo Termiz Open 2024», ки дар шаҳри Тирмизи Ӯзбекистон баргузор гардид, дар вазни то 26 кг бо шикаст додани рақибонаш аз Қазоқистон ва Ӯзбекистон сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид. Ин наврас соли 2022 дар мусобиқаи ҷудо байни наврасон дар шаҳри Таразы Қазоқистон дар вазни то 23 кг низ медали тилло ба даст оварда буд.



***

Конфедератсияи футболи Осиё (КФО-AFC) рӯйхати доваронеро, ки дар Ҷоми Осиё-2024 байни дастаҳои мунтахаби то 23-сола доварӣ мекунанд, нашр кард. Чор довар аз Тоҷикистон дар ин рӯйхат ҳастанд, ки инҳо доварони FIFA Гулмуроди Саъдулло, Насрулло Кабиров ва ёварони довари FIFA Ҳасан Каримов ва Вафо Қараев мебошанд. Дар Ҷоми Осиё-2024 (U-23), ки аз 15-уми апрел то 3-юми май дар Қатар баргузор мешавад, 16 даста иштирок мекунанд.

***

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии Мубин Эргашев дар Давҳа қарор дорад ва ба Ҷоми Осиё-2024 омодагӣ мегирад. Ба ҷамъомади таълимӣ 25 бозигар даъват шудаанд, ки аз ин 23 нафари он ба ҳайати ниҳоӣ шомил мешаванд. Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар Ҷоми Осиё-2024 дар Давҳа дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои мунтахаби Арабистони Саудӣ (16-уми апрел), Ироқ (19-уми апрел) ва Тайланд (22-юми апрел) бозӣ мекунад.



# СЕ ФОҶЕА ДАР СУҒД

## КОНИБОДОМ

### Мард ҳамсар, келин ва набераҳояшро кушт...



**Дар шаҳри Конибодом ҳодисаи куштори бераҳмона ба қайд гирифта шуд.**

Ҳодиса 30-юми март, тахминан соати 15:00 дақиқа рух додааст.

Шаҳрванд Мухиддинбой Шарипови 65-сола, сокини шаҳри Конибодом дар манзили истиқоматиаш ҳамсараш Майрам Шарипова, келинаш Фирӯза Шарипова ва наберагонаш Абӯбакр Шарипов, хонандаи синфи 3 ва Азиза Шарипова, хонандаи синфи 1-умро бо роҳи эҳтимоли бӯғӣ кардан ба ҳалокат расонидааст.

Баъди ин ҳолат номбурда худашро низ бо роҳи овехтан ба ҳалокат расонидааст.

Гуфта мешавад, ки ӯ гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва наркологӣ набуда, пеш суд нашудааст. Номбурда соҳиби 3 писар буда, онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Русия қарор доштаанд.

Ҳоло аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилояти Суғд ҳолати мазкур мавриди таҳқиқ қарор дорад.

## НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

### Куштори зани ҳомила

**Ҳамчунин, чанде пеш, шаби 15-уми март Фотима Сатторова, сокини ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки ҳомила будааст, аз дасти шавҳараш кушта шудааст.**

Шавҳари Фотима Сатторова, ки моҳи январ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия рафта буд, 15-уми март ба ватан баргашта, ба тани ҳамсари ҳомилааш 70 маротиба корд задааст. Ҷасади ӯро субҳи 16-ум хушдоманаш оғӯштаи хун пайдо мекунад.

Аз ВКД-и Суғд хабар медиҳанд, ки сабаби ба ин кор даст задани шавҳар таҳқиқ мешавад.

Фотима Сатторова донишҷӯйи соли 5-уми шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва тибқи баъзе маълумот, бемори рӯҳӣ будааст.

## ДЕВАШТИЧ

### Қатли зан ва хушдоман бо табар



**Марде дар ноҳияи Деваштич зан ва хушдоманашро бо табар куштааст.**

Мард, ки занашро талоқ дода будааст, як ҳафта пеш аз куштор, бидуни бекор кардани ақди никоҳи расмӣ бо ҳамсари қонуниаш, занеро ба никоҳаш дароварда, ба хона овардааст ва ин боиси сар задани ҷанҷол миёни ӯ ва занаш гардидааст, ки бо қатли дуюмӣ анҷомидааст.

Санҷар Шерматов, муовини раиси ҷамоати Мучуни ноҳияи Деваштич, ки ҳодиса дар он ҷо рух додааст, ба “Азия плюс” гуфт, ҳодиса як ҳафта пеш, 24-уми март иттифоқ афтодааст.

“Он рӯз Ҳ. М. ба саҳро мерафтааст ва дар роҳ зани дар ақди никоҳи расмиаш буда, аммо ҷудо мезистаашро бо модараш дида, баъди сар задани мунокиша, ҳардуи онҳоро бо табар задааст. Занаш дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расида, хушдоманаш пас аз интиқол ба бемористон ҷон додааст”,- гуфт Санҷар Шерматов.

Ҳодисаро дар шуъбаи корҳои дохилии ВКД дар ноҳияи Деваштич низ тасдиқ кардаанд. Манбаъ мегӯяд, ки Ҳ. М. бо ҳамсараш чандин сол зиндагии якҷоя дошта, соҳиби се фарзанд низ будаанд.

# РОНАНДА МУСОФИРРО ТАҶОВУЗ КАРД

### ВКД як ронандаи таксиро бо гумони таҷовуз боздошт кардааст

**Гуфта мешавад, ки Каримов Абдуқодир Шарипович, соли таваллудаш 1985, сокини кӯчаи Деҳотии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, оиладор, соҳиби 5 фарзанд, шаби 9-уми март бо мошини шахсиаш, тамғаи “Ҳюндай Соната”, дар назди истгоҳи бозори “Саховат”-и пойтахт ба ҷабрдида, ки ба шаҳри Бохтар раҳсипор буд, ваъда додааст, ки ӯро бо нархи арзон бурда мерасонад.**



Ҳангоми расидан ба ҳудуди деҳаи Ҳисорободи ҷамоати Фахрободи ноҳияи Хуросон, Каримов мошинашро аз шоҳроҳи асосӣ ба гардиши тарафи рост ронда, дар як ҷойи торику беодам манъ кардааст. Баъди ин ӯ “бо мақсади қонеъ сохтани нафси шаҳвониаш” ҷабрдидаро мавриди латукӯб қарор дода, бо зӯрӣ ба номуси он зан дастдарозӣ карда, нисбат ба он зан ҳамчунин “дигар кирдорҳои бадахлоқонаро содир кардааст”.

Ӯ баъди содир кардани ҷинояти нангин, ҷабрдидаро, ки аз зарбаҳои равонию ҷисмонии бардоштааш дар ҳолати мадҳушӣ қарор дошт, дар ҳамон ҷо партофта, фирор кардааст.

Феълан Каримов Абдуқодир Шарипович аз ҷониби мақомоти кудратии кишвар боздошт шуда, тафтишоти парвандаи ӯ идома дорад.



**Мудири бахши омори ноҳияи Синои Душанбе бо иттиҳоми қаллобӣ боздошт гардид.**

Ба иттилои Агентии зидди фасод, Ҳукуматзода А. Ҳ. соли 2023 бо роҳи фиреб ба боварии сокини ш. Душанбе Давлатов Ҷ. С. даромада, аз номбурда барои аз мақомоти дахлдори давлатӣ гирифтани иҷозатномаи сохтмони манзили истиқоматӣ 47 ҳазор сомонӣ талаб намудааст. Ҳоло нисбати ӯ бо моддаи 247, қисми 4, банди “б” Кодекси ҷиноятӣ парванда боз карда шудааст.



**Суди Ӯзбекистон парвандаи зану шавҳареро баррасӣ мекунад, ки дар талоши иваз кардани навзодони дугоники худ бо хонаи якҳуҷрай айбдор шудаанд.**

Мард гуфтааст, ки расман бо зани дигаре дар қайди никоҳ аст ва аз вай чаҳор фарзанд дорад. Аз ҳамсари дигараш, ки бар асоси никоҳи динӣ зиндагӣ мекард, соҳиби дугоник шудааст. Ба далели мушкили молӣ зану мард хостаанд, ки навзодони худро бо хонаи якҳуҷрай иваз кунанд.

Нисбати ин ҷуфт бо ҷурми “савдои одамон” парванда боз шудааст.



**Фарҳод Исозода, раҳбари муассисаи “Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ” (КАТС)-и шаҳри Бохтар дар як садама дар роҳи Бохтар - Душанбе дар ҳудуди ноҳияи Хуросон ба ҳалокат расидааст.**

Муассисаҳои “Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ” (КАТС) дар сохтори Вазорати тандурустӣ ҳастанд. Фарҳод Исозода солҳои зиёде раҳбарии КАТС-и шаҳри Бохтарро ба уҳда дошт.

# ЧАНД РОҲИ ХАРОБШАВӢ

**Фарбеҳӣ имрӯз ба яке аз проблемаҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо вуҷуди талошҳои зиёд пеши роҳи ин бемориро гирифта наметавонад. Мо ба шумо чанд роҳи харобшавиро пешниҳод мекунем.**



### Гуруснагӣ

Фикр мекунед, ки чӣ қадар кам хӯрок хӯред, тез хароб мешавед? Як андоза ин амал ҳақиқат дорад, аммо, ҳаминро донистан лозим аст, ки агар ба организм калория кам ворид шавад, организм захираи равғани худро ҳазм карда, хароб мешавад. Вале барои ҳазми ана ҳамон равғани худи организм низ ферментҳои махсус лозиманд. Бояд гуфт, ки он ферментҳо дар организми худи инсон мавҷуданд, вале барои синтез шудани онҳо сафеда, равған, витамин ва микроэлементҳо лозиманд. Дар сурати нарасидани яке аз элементҳои номбаршуда хароб шудан ғайриимкон аст. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои харобшавӣ гуруснанишинӣ кардан ҷоиз нест.

### Парҳез

Вақте шумо ба воситаи ҳаб ё нӯшокие дар муддати бениҳоят кӯтоҳ - 7-10 рӯз то 5-10 кг вазни худро мепартоед, бидонед, ки вазни партофтаи шумо дар муддати кӯтоҳтарин барқарор мешавад. Зеро ҳангоми риоя намудани диета ба организми шумо моддаҳои муҳим, аз қабили витамин, сафеда, равғану карбогидратҳо намерасанд, ки дар натиҷа саломатӣ осеб мебинад. Натиҷаи парҳези нодуруст - ин мӯйрезӣ, афтодани дандонҳо, нохуншиканӣ ва ё беқувват шудани нохунҳо мебошад. Албатта, бо риояи кардани диета шумо метавонед дар муддати кӯтоҳ хароб шавед, инчунин, вазни партофтаи шумо дар як мӯддати кӯтоҳ бармегардад.

### Харобшавӣ таассути ҷарроҳӣ

Имрӯз илми тиб чунон пеш рафтааст, ки таассути ҷарроҳӣ имкони аз равғанҳои нолозими бадан зуд халосӣ ёфтан мумкин аст, аммо ин фаҳмиш комилан хатост. Одатан, ин гуна ҷарроҳӣ барои гирифтани равғани зиёдатии организм, бурида гирифтани қисмате аз меъдаи васеъгардида ва ё таранг кардани пӯсти овезоншудаи бадан гузаронида мешавад.

Зиёданд нафароне, ки пас аз гирифтани равғани шикаму меъда бо ҷамъ шудани равған дар бозу ва манаҳ рӯ ба рӯ шудаанд. Дар сурати дучор шудан ба ин мушкилӣ он даво надорад.

### Назари табибон оид ба фарбеҳшавӣ

Табибон бар он назаранд, ки камҳаракатӣ, истеъмоли ғизоҳои серравған, қаннодӣ ва хамирӣ, пурхӯрӣ, ки иллати ҳормонҳоро ба вуҷуд меоварад, боиси фарбеҳӣ дар бунёи инсон мегардад.

**Аломатҳои фарбеҳӣ:** аввалин аломати эҳсосшавандаро дар афзоиши миқдори зиёди равған дар ҳар ҷойи бадан, ба мисоли шикам, пистон ва ронҳои пой дидан мумкин аст. Баъдан, нафастангӣ ҳангоми иҷрои амалҳои ҷисмонӣ ҳис карда мешавад ва қобилияти корӣ суст мегардад. Фишори хун боло рафта, қабзияти меъда ба миён меояд ва рагу пайвандҳо дардманд мешаванд.

### Роҳҳои пешгирӣ аз фарбеҳӣ

Аз хӯрдани ҳар гуна шириниҳо ва таомҳои серравған даст кашед. Бештар сабзавот ва мева истеъмол кунед. Сайру саёҳат, пиёдагардӣ, давидан ва машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ ба шумо фоидаи зиёд дорад. Бо истифода аз тиби халқӣ ва истеъмоли гулу гиёҳҳо метавонед чораёни фарбеҳиро дар бадан пешгирӣ кунед. Аз лимӯ ва имбир чой омода намоед ва бештар оби ҷӯшонидашударо нӯшед. Истеъмоли ширу ҷурғот низ хуб аст. Онҳое, ки авлодан бемории фарбеҳӣ доранд, бояд хӯрокҳои камғизоро истеъмол намоянд ва речаи истеъмоли таомро риоя кунанд.

МАСЛИҲАТ

## ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОИИ РАВҒАНИ ЗАРД

**Равғани зард ё равғани ҳайвонот навъи равғане мебошад, ки онро аз таркиби равғани шири гов, гӯсфанд ва буз пас аз гарму гудохта кардан ба даст меоранд.**

Муҳимтарин хусусияти равғани зард он аст, ки он масунияти баданро мустаҳкам намуда, эҳтимоли гирифтор шудан ба сироятҳои гуногуни вирусиро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон он давои хуб барои рафъи сӯхтагӣ, доғ ва илтиҳоби пӯст мебошад.

Ҳангоми коркард ҳама моддаҳои зароровар дар равған ҳал мешаванд ва танҳо моддаҳои фоиданок боқӣ мемонанд. Ба гуфтаи мутахассисон, равған дорои витаминҳои В, инчунин А, Е, D, PP мебошад. Ин маҳсулотро ба шир андохта, нӯшидан хуб аст. Ин нӯшокӣ роҳҳои нафасро мулоим намуда, барои рафъи сулфа кумак менамояд.

Равғани зард аз ҷиҳати хусусияти давоӣ аз маска қавитар мебошад. Агар онро бихӯранд ва гузошта банданд, варамҳоро хуб мекунад ва гиреҳҳои баданро мекушояд.

Ба гуфтаи мутахассисон, миқдори як бор хӯрдан аз равғани зард дар як рӯз то 50 грамм аст. Қувваи поксозандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дар равғани зарди кӯҳна назар ба равғани нави он зиёдтар аст.

Агар ин равғанро ҳафт шаб пай дар пай ба рухсора молида бихобанд, пӯсти рӯйро пок, некӯ ва соф мегардонад, инчунин маскаро ҳам бо чунин усул бимоланд, ҳамин гуна фоида дорад.

Тавре мутахассисони соҳаи тиб иброз медоранд, онҳое, ки бо холестерини зиёд дар бадан мушкилӣ доранд, бояд донанд, ки равғани зард нисбат ба маска намунаи солимтар маҳсуб мешавад. Зеро дар равғани зард нисбат ба маска равғаннокӣ камтар аст, ба ин хотир он дар бадан хубтар ҳазм мешавад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ин ҳафта зодагони бурҷи ҳамал бояд муносибатҳояшонро бо шарикони корӣ ба дараҷаи олӣ ба роҳ монанд. Забон ёфтан бо ҳамкорон боиси ривоҷ ёфтани кор ва ба даст овардани даромади хуб мегардад. Ба эродҳо бе хафагӣ гӯш андозеду камбудиҳоятонро бартараф кунед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ба саломатиатон диққати ҷиддӣ диҳед. Азобу машаққати зиёд боиси сар задани бемори гашта метавонад. Рӯзи чоршанбе эҳтиёткор бошед, як ҳарфи хато ё рафтори ноҷо дар ин рӯз метавонад балоеро ба саратон орад. Нимаи дуюми ҳафта дар тиҷорататон пешравӣ дар назар аст.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Фош гаштани дурӯғи ошиқатон дилатонро озурда месозад. Ҳолати рӯҳӣ боиси беморӣ гашта метавонад, саломатии худро эҳтиёт намоед. Шиносоии аҷибе ҷавзоҳои муҷаррадро дар назар аст. Агар риштаи дӯстиро қавитар намоед, дари бахтатон кушода мешавад.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ҳафтаи нав корчалонӣ ва таҷрибаи бой боиси ба даст овардани муваффақиятҳои калон хоҳад шуд. Бо шахсе шинос мешавед, ки сабабгори пешравиҳоятон мегардад. Дар ҷодаи ишқу оиладорӣ ва ободсозии манзилатон бояд каме талош намуд.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Корҳоеро, ки кайҳо боз анҷом дода наметавонистед, ба сомон расонед. Сафарҳои кории зодагони бурҷи асад бобарор анҷом меёбанд. Нимаи дуюми ҳафта хавфи сар задани нофаҳмӣ ва ҷангу ҷанҷол дар коргоҳатон вуҷуд дорад. Охири ҳафта даромади пулӣ имкон дорад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Дар ин ҳафта ташвишатон хеле зиёд мегардад. Агар сабру тоқатро пеша кунед, коратон барор гирифта, ба мақсад мерасед. Сар задани мушкилоти пулӣ ба ҳолати рӯҳиятон зарбаи сахт мезанад. Ғурурро як тараф гузошта, аз дӯстону наздикон кумак пурседу мушкилатонро ҳал намоед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Агар имкон дошта бошед, истироҳат намоед, вагарна хастагие, ки тӯли чанд муддат азобатон медиҳад, боиси хурӯҷ намудани беморӣ мегардад. Тамоми вохӯриҳои кориро ба вақти дигар гузаронед. Беҳуда худро азоб надиҳед, кӯшишҳоятон бебарор анҷом хоҳанд ёфт.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Давоми ҳафта хурсандие шуморо интизор аст. Дар коргоҳатон эҳтиёткору бодиққат бошед, хатои хурдакаке метавонад боиси моҷарои калон гардад. Миёнаи ҳафта аз ноомадии коратон ба касе лаб накушоед, то душманон шод нагарданд.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ҳафтаи бобарор хоҳад шуд. Ҳар коре, ки оғоз намоед, бо осонӣ анҷом меёбад. Миёнаи ҳафта бештар истироҳат намоед ё бо корҳои майда-чӯйда машғул шавед. Ба маъракае даъватӣ шуда, аз дидори дӯстону маслиҳатҳои муфидашон қаноатманд мегардед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ин ҳафта бо душвориҳою мушкилиҳояш зодагони бурҷи ҷаддиро як лаҳза ором намегузорад. Шахсе, ки дӯст мешуморидед, дар асл нисбати шумо амали номатлуберо раво мебинад. Беҳуда ҷанҷолу моҷаро карда, асабатонро хароб насозед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ба саросемагӣ роҳ надиҳед, то боиси хандаю истеҳзои атрофиён нагардед. Агар нуқтаи назари ҳамкоронро ба назар гиреду хатоҳои худро бартараф кунед, коратон бобарор мешавад. Дарди сар ва бемадорӣ нишонаи кам шудани витаминҳои зарурӣ дар ҷисматон аст.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Аз сар задани ҳодисаҳои ногаҳонӣ хурсанд мегардед. Нафарони муҷаррад заҳри ҷудоӣ чашида, бо танҳоӣ хайрбод мегӯянд. Агар меҳру муҳаббати худро нишон дода тавонед, пӯшидани ангуштарини никоҳӣ насибатон мегардад. Дар оилаатон мушкиле пеш меояд.

# ФАРЗАНДИ СОДИҚИ ВАТАН



**Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта кишвари абарқудрати Шӯравӣ фано гардиду ҷумҳуриҳо роҳи мустақилиятро пеш гирифтанд. Дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар кишвари мо майдонинишинию паси сангаршиниҳо оғоз ёфт. Дар натиҷа кишвари тозаистиқлоли моро оташи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт.**

Дар он шабу рӯзҳо аксари сохторҳои давлатӣ фалаҷ шуданд. Силоҳбадастону ғоратгарон кишварро талаву тороҷ мекарданду аксарият фикри тарки Ватанро дар сар мепарвариданд. Вале фарзандони диловари Ватан, воқеан сиришташон тоҷикона буд, ба ивази машаққатҳо, ки ҳар рӯзаш як китоб мешавад, ҷумҳуриро нигаҳдорӣ мекарданд, пахлуи роҳбарияти тозаинтихобшудаи ҷумҳурӣ қарор доштанд ва садди роҳи силоҳбадастони ғоратгар ва дузду хоин мегаштанд, то кишвари захмхояш зиёд гардида абгортару бехолтар нашавад. Натиҷаи талоши чунин фарзандони диловари Ватан буд, ки мо имрӯз кишвари ободу озод дорем, мардуми мо зери осмони софу беғубор кору зиндагӣ мекунанд.

Полковники мустаъфии мақомоти амнияти кишвар Абдунабӣ Амонов яке аз чунин фарзандони диловари Ватан мебошад. Ӯ дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ дар мақомоти амнияти кишвар фаъолият дошт, нахуст дар ноҳияи Дарвоз ваколатдори давлатии бехатарии ноҳия буд, баъдан дар ҳамин вазифа дар ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) хизмат кард. Солҳо дар Раёсати мубориза бар зидди терроризм кор карда, барои амнияту суботи кишвар талош намуд.

Абдунабӣ инсонест, ки сиришти пок дорад. Қаноатпеша асту устувор. Ғурури баланди тоҷикона дорад. Аслан, сокинони деҳаи Артуҷи ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент, ки Абдунабӣ 4-уми апрели соли 1959 дар он ҷо таваллуд шудааст, ҳама чунин ғурури баланди миллӣ доранд.

Дар суҳбатҳои хос Абдунабӣ таъкид мекунад, ки усуворӣ, сабру таҳаммул дар баробари ҳама муаммоҳои рӯзгорро аз падар омӯхтааст:

"Падарам Амонов Амонкул соли 1927 дар деҳаи Мадовра таваллуд шудааанд. Даҳмарда буданд. Шахсе буданд ҳалолкор ва ҳалолхӯр. Ба мо насиҳат мекарданд, ки ба касе зарарамон нарасад, баръакс аз дастамон ояд, кумак кунем. Инсони нақибе буданд падарам, вале мутаассифона, ҷавон, соли 1969 дар синни 42-солагӣ аз олам даргузаштанд. Ёдашон ба хайр".

Вале Абдунабӣ аз он шукргузор аст, ки модараш то ба имрӯз дуогӯйи ӯ мебошад.

"Модарам бошад, Буриева Зумрад, соли таваллудашон 1938. Ҳоло 86-сола. Дар колхоз фаъолият мекарданд. Зани меҳрубону порсо мебошанд. Фарзандонашон - ман, бародаронам Шарафу Ваҳҳоб ва хоҳаронам Ҳабибаву Анорaро чун гавҳараки чашмашон эҳтиёт карда, ба воя расониданд. Шукр, ки имрӯз дуогӯйи мо ҳастанд",- мегӯяд Абдунабӣ.

Абдунабӣ дар оғӯши чунин волидон ба воя расида, соли 1977 мактаби рақами 18-и деҳаро хатм карда, худи ҳамон сол ба Донишгоҳи давлатии ба номи В. И. Ленин дохил шуда, онро соли 1982 хатм намудааст.

Соли 1982 баъди хатми донишгоҳ ҳамчун афсар ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ даъват шуда, то соли 1984 хизмати модар - Ватанро ба ҷо овард.

Баъди баргаштан, солҳои 1984-1987 дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муаллим дар кафедраи физикаи умумӣ фаъолият намуд. Ҳамон сол ба узвияти ҳизб пазируфта шуд.

Абдунабӣ афсари шуҷои Ватан ва шахси аз ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар огоҳ буд. Инро дарк карда, аз Кумитаи давлатии бехатарӣ ӯро ба сафи мақомоти амният даъват мекунанд. Чун Абдунабӣ хизмат ба Ватанро шарафи мардӣ медонист, пешниҳодро қабул кард.

Ҳамин тавр, ӯ афсари Кумитаи бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ шуд.

Аз соли 1987 то соли 1990 дар вазифаи сардори тахасусии шуъбаи тарҷумаи филиали Донишгоҳи Ордени Байрақи Сурхдори ба номи Ю. В. Андропов дар шаҳри Тошканд фаъолият намуд.

Аз соли 1990 то моҳи июли соли 1992 ҳамчун ваколатдори давлатӣ бехатарии ноҳияи Дарвоз ва аз соли 1992 то соли 1996 корманди калони шуъбаи бехатарии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) буд. Аз соли 1996 то моҳи ноябри соли 2000-ум дар вазифаҳои гуногуни Раёсати мубориза бар зидди терроризм фаъолият кард.

Аз соли 2000-ум ба Саридораи полиси андоз ба кор гузашт. Соли 2002-юм бо таъсиси Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии ҶТ ба вазифаи муовини сардори Раёсати амнияти дохилӣ таъйин гардид ва дар ин вазифа то соли 2007 кор кард.

Аз соли 2007 то моҳи апрели 2015 дар Раёсати кадрҳои Кумитаи андоз ба ҳайси сармутахассис фаъолияти хешро идома дод.

Абдунабӣ дар ҳар куҷое, ки фаъолият кард, вазифаи хешро содиқона иҷро намуд. Ҳамин аст, ки миёни ҳамкасбон ва ҷомеа шахсияти соҳибэҳтиром аст. Хизматҳояш дар назди халқу Ватан бо сипоснома, ифтихорнома, медалҳо ва рутбаи баланди полковникӣ сазовор қадрдонӣ шудааст.

Абдунабӣ Амонов соҳиби оилаи обод ва фарзандони солеҳ аст. Чор фарзандаш - Таманно, Саёҳат, Мафтуна ва Муродҷон соҳиби маълумоти олӣ, ҷойи кор ва оила ҳастанд.

4-уми апрел собиқадори мақомоти амнияти кишвар Абдунабӣ Амонов 65-сола мешавад. Мо собиқадорони мақомоти амнияти кишвар ӯро ба ин санаи фархундаи умр табрик гуфта, барояш саломатӣ, умри дароз ва рӯзгори ободро таманно дорем.

**Эркин МУҲИДДИНОВ,**
**генерал-майори мустаъфии КДАМ ҶТ**

*Нуқтаи назар*

## АСРОРИ МАҲБУБИЯТИ КУРУШИ БУЗУРГ

**Медонед чаро Куруши Бузург то ин замон назди тамоми мардуми ҷаҳон маҳбуб аст?**

Дар қисмате аз Маншури Куруши Бузург омадааст, ки чунин мегӯяд:

- Бигузоред ҳар кас ба оини хеш бошад;
- Занонро гиромӣ бидоред;
- Фурӯдастонро дарёбед;
- Ҳар кас ба забони қабилаи худ сухан бигӯяд;
- Фармонравое, ки ҳамдили мардуми хеш набошад сияҳрӯзтар аз ҳама сарнагун хоҳад шуд;
- Пас аз қавли ман ба Ҷабборони ин ҷаҳон бигӯед, ки аз зулмати хеш ҳатто палоспораe ба гӯр нахоҳед бурд ва ба ояндагон ва наёмадагон бигӯед, ки ӯ, ки дӯст медорад, дӯстдошта хоҳад шуд. Ӯ, ки бар мардумонаш ситам кунад, дере намеравад, ки роҳ ба Дӯзах кушояд. Ин сухани ман аст. Ман писари Мондоно ва Камбуҷияам, ки ҷаҳонро ба адолат ва озодӣ фаро хондаам.

Дуруд ба Куруши Бузург!

**Толиб САИДОВ**



**МАВЛУДНОМА**

**• 4 АПРЕЛ •**

**Комилхоҷа Накҳат** (1814-1831), 210-солагии зодрӯзи шоир.

**Бурҳон Раҳмонов** (1934-2015), 90-солагии зодрӯзи наттоқи радио, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 5 АПРЕЛ •**

**Тошгул Абдурашидова** (1924-2000), 100-солагии зодрӯзи сароянда, раққоса.

**Амирбек Исломов** (1929-2002), 95-солагии зодрӯзи журналист.

**Мирзосаъдулло Мирзоаббосов** (1904-1996), 120-солагии зодрӯзи рассом.

**Дилбар Осимова** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Давлатбегим Раҳимова** (1944), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино.

**Назокат Бузрукова** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Болтақул Диёрӣ** (1914-2004), 110-солагии зодрӯзи шоир.

**Файзалӣ Лангариев** (1964), 60-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Мамлакат Наҳангова** (1924-2000), 100-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ), аввалин пионеркаи ордени Лениндор (1936).

**Набиҷон Раҳматуллоев** (1964), 70-солагии зодрӯзи рассом.

**Бозор Розиқов** (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 6 АПРЕЛ •**

**Леонид Кузнетсов** (1924-1989), 100-солагии зодрӯзи навозандаи оркестри ҳарбӣ, Ҳунарпешаи шоистан Тоҷикистон.

**Шарифҷон Қаландаров** (1939), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Ҳаким Қудусов** (1934-2002), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Раҳмоналӣ Сафаралиев** (1969), 55-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**• 7 АПРЕЛ •**

**Восит Муҳаммадов** (1934), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Муқаддас Масаидова** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**• 8 АПРЕЛ •**

**Инъомҷон Ғаниев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Масаид Шерматов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Адам Метс** (1869-1917), 155-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ.

**• 9 АПРЕЛ •**

**Наталя Гаврилова** (1919-2006), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Флип Твирентов** (1914-1989), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Ҳамроқул Тиллоев** (1949-2003), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**• 10 АПРЕЛ •**

**Отаҷон Акрамов** (1929-2002), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

**Ёрмаҳмад Гулов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Бозгул Додихудоева** (1939), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Дилшод Зикриёхоҷаев** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**Сангалӣ Наимов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Фахриддини Саидҷалол** (1954-1993), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари хавлидорӣ ба номи Маҳсидинов Кенҷа, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 78, ҳ. 65, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос тахти фехристи №2М-84, аз санаи 06.05.2019, ба номи Синько Антон Валентинович, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, хонаи №92, ҳуҷраи 28, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии гумшудаи А2615798 ба номи Синько Антон Валентинович, ки аз санаи 09.07.2003 аз ҷониби ШКД ноҳияи Фрунзе, ш. Душанбе дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш №1Ш-1275, аз санаи 28.08.2017 ба номи Азизова Сочида Максудовна, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/12, ҳуҷраи 17, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Саидалиев Мустафо Зиёдуллоевич, ки соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шарипов Эмомахмад Жамидинович, РМА: 037435199, РЯМ: 0130093664, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Умаров Фарход Рашидович, №0401038, РЯМ: 0430280831, РМА: 555275465, санаи таъсисёбӣ 09.04.2019, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Саъдулозода Сафиоллоҳи Изатуло, ки соли 2022 аз Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти фехрасти рақами 9Д-1000, ки аз 16.11.1999 дар Идораи нотариалии давлатии н. Октябри ш. Душанбе ба номи Дегтярева Ирина Александровна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур, хонаи 75/1, квартираи 44 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти фехрасти рақами 3П-889, кори меросии 65/2003, ки аз 10.06.2003 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Идиева Сайли бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ/д Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом, хонаи 171 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматчии давлатӣ №238 ба номи Ғаниев Ҷонибек Ҷурабекович, ки соли 2022 аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти фехристи №1ш-140, аз санаи 26.01.2012 ба номи Сулаймонова Дилрабо, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. И. Сомонӣ 3, ҳ. 57, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари хавлӣ ба номи Эшонджонова Лола Нусратуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, хонаи 25/5, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шерхонов Абдурахим Гулмирзоевич, РЯМ: 0430146659, РМА: 045543432, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Рахимов Комрон Абдукодирович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Кабиров Фазлидин Садирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 200/1, ҳ. 37, аз санаи 28.12.2017, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 АБ №254315 ба номи Муродов Насриддин Наҷмиддинович, ки соли 2001 аз МТМУ №48-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А2225998 ба номи Каримов Файзали Нуралиевич, ки санаи 1-уми августи соли 2002 аз ҷониби ШКД ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи кооперативи тиҷоратӣ "Темур С", РЯМ: 3310005985, РМА: 330001527 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда, тахти фехрасти 1Ш-1289, ки аз 18.07.2014 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе байни Уракова Роза Раҷабовна ва ҶДММ "АРК ЛОИҲА" дар шахси роҳбар Калонов Худойқул Ҳасанович тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз санаи 12-уми июни соли 2014, тахти фехрасти №8Ш-2685 ба номи Ҳафизов Абдулло Шерович нисбат ба квартираи №83, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 60/1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Саидова Дилбар Абдулоевна, РЯМ: 0430355118, РМА: 046285353, ки соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Кооперативи тиҷоратии "Урунбой", РЯМ 0710003745, РМА 070004405, ки аз санаи 14.11.2001 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Турсунов Ҳасан, РЯМ: 0730181751, РМА: 075717660, ки аз санаи 31.08.2018 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Шохимова Парвина, РЯМ: 0730234185, РМА: 076076298, ки аз санаи 15.12.2023 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагӣ АА0595829 ба номи Шералиева Нигина Хуршедовна, ки санаи 06.07.2018 аз ҷониби ШБИ РБДА ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартираи истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Ҳисор, кӯчаи А. Юсупова, хонаи 10 ба номи шаҳрванд Каландарова Зебинисо Аминчоновна, ки дар Идораи нотариалии шаҳри Ҳисор аз 10.02.2014 тахти фехристи 5Ш_81 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэтибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "ТМД ТҶ" №0274612, РЯМ: 1210013787, РМА: 120044265, барҳам мехӯрад. Тамоми арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Зафар Солиев", РЯМ: 0710006990, РМА: 070009364, аз 30.05.2012 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Регар Сохтмон", РЯМ: 0710008805, РМА: 070015417, аз санаи 03.07.2013 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Шоди Х", №0262111, РЯМ: 3310003694, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Policy and Outreach Officer, "Only for citizens or residents of Tajikistan" (Job ID:16986/NPSA–8) Duty Station: Dushanbe, Tajikistan, Deadline for applications: 5 April 2024, 23:59 NY Time**

- **Capacity Development Officer, "Only for citizens or residents of Tajikistan" (Job ID:16968/NPSA–8) Duty Station: Dushanbe, Tajikistan, Deadline for applications: 7 April 2024, 23:59 NY Time**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

# АГАР МИЛЛАТ ОЯНДАРО ФИКР НАКУНАД, БА ШИКАСТ РӮ БА РӮ МЕШАВАД!

(Аввалаш дар саҳ.8)

Роҳи сухан пурзаҳмат ва мушкил аст, ба ин роҳ ки рафтед, пас гаштан наметавонед, дар мобайн монед, бисёр азоб мекашед, гирифтори гумону андешаҳои дилхарош мешавед... Бояд пеш рафт ва чизҳои арзанда офарид.

**- Дар бораи романҳои таърихӣ суҳбат кардем, вале яке аз вазифаҳои асосии наср инъикоси замон аст. То кадом андоза рӯзгори имрӯзаи мардуми тоҷик дар осори нависандагон инъикос ёфтааст?**

- Дар як фосилаи кӯтоҳ ҳодисаҳои рӯзгори мо аз адабиёти мо пеш гузашт, барои ҳамин дар мавзуҳои замон асари бузурге навиштан истеъдоди бузург мехоҳад. Масалан хонандаи тоҷик интизори пайдо шудани романи арзандатаре дар бораи неругоҳи "Роғун" аст. Барои ҳаматарафа тасвир кардани вусъати кори онҷо бояд онҷо рафта, бо коргарон ҳамнафасу ҳамкор шуда, дарду армон, ишқ, пайкор, ормонҳои миллии онҳоро омӯхта, асари сазовори ин иншооти бузург ба хонанда пешниҳод кард. Осон нест! Тани сиҳату неру, истеъдоди комил бояд дошт. Албатта, то имрӯз асарҳои зиёде иншо шуданду нашр. Арзиш ҳам доранд. Аммо пурвусъат не. "Ман дар бораи Роғун менависам!" - гуфтан кам аст.

**- Охирин китобе, ки аз нависандагони тоҷик мутолиа кардаед, кадом аст ва чӣ бардоштед?**

- Ҳафтаи охир романи Мирзо Насриддин - "Нони шарикӣ" ба дастам расид. Шинос шудам. Заҳмат кашидааст адиб. Албатта ман ба бадеияти он ҳанӯз баҳо дода наметавонам, лекин аз ҷиҳати мавзуъ, қаҳрамонҳо ва воқеаҳо асари ҷолиб аст. Нависанда ба воқеаҳои давраи аввали инқилоби октябр, то ба ин давра, назари худро дорад. Ин муҳим аст.

**- Барои рушди насли тоҷик ва пайдо шудани асарҳои ҷаҳонӣ чӣ тавсия медиҳед?**

- Асарҳои ҷаҳонӣ баъди садсолаҳо пазируфта мешаванд. Ба қарибӣ аз тариқи телевизиони Маскав дар барномае як нависандаи 60-солаи русро нишон доданд, ки як романаш ба 30 забон тарҷума шудааст. Мо имрӯз чунин имконияро надорем, ки як асари хуб зуд тарҷума шаваду паҳн гардад. Ҳоло мо дар ин марҳила нестем. Хонандаи хушзавқ ва адабиётдӯсти мо имрӯзҳо ба ғайр аз забони модарӣ ба дигар забонҳо ҳам асарҳоро мутолиа мекунад. Барои офаридани асаре, ки ба дигар забонҳо тарҷума шавад, истеъдоди баланд, ҷустуҷӯ, тозаофарӣ ва ранҷу заҳмат лозим аст.

**- Рисолати нависандаи замони истиқлолро дар чӣ мебинед?**

- Рисолати нависандаи замони истиқлолро дар он мебинам, ки тамоми дастовардҳои бузурги истиқлоли давлатии моро, сиёсати давлатии моро, таҳаввулоти фикрии инсонро дар замони истиқлол, эҳсосоти ватандӯстӣ, худшиносӣ, рӯ овардан ба арзишҳои гузашта, ки бисёр муҳим аст, дар асарҳои худ ба таври бадеӣ ва дилрас офарад. Аз пайравӣ ва тақлидҳои беҳуда даст кашида, асарро бо сабку услуби дилрас бо ҳамин забони рангину ширадоре, ки дар дунё ҳамаро дар ҳайрат гузоштааст, забоне, ки устод Рӯдакӣ ҳазорсолаҳо пеш гуфт ва то имрӯз мардум мефаҳманд, мепазиранд, асар нависанд.

**Мусоҳиб:**
**Барно СОҲИБОВА**

# ВАДУД МАҲМУДӢ

(Аввалаш дар саҳ.9)

Ин кори ман ҳам хондану ҳам бача хонондан, ки дар он замон халифагӣ меномиданд, то аввали 1918 давом намудааст.

Аз он баъд то соли 20 дар курсҳои гуногуни дорулмуаллимин мударриси дараҷаи дувуми муаллимӣ будам ва дар идораи маърифатгоҳ мудири маорифу гоҳ дар ҳайатҳои илмӣ иштирок карда омадам ва дар солҳои 1925-1926 мудиру муҳаррири маҷаллаи "Маориф ва ўқитувчи" будам, ки дар ҳамин муддат дар рӯзномаву маҷаллаҳои он замон мақолаҳои илмӣ, адабӣ ва танқидӣ навиштаам ва дар солҳои 1927-1929 ба тарҷума ва таълиф машғул шуда, аввалин алифбои лотинӣ ва китобҳои дарсӣ барои мактабҳои он рӯз тартиб додаам, агарчи алъон дар даст намондааст. Дар ҳамон рӯзҳо тадқиқоти адабӣ дар бораи Саъдӣ, Ҳофиз ва Бедилу Низомӣ ва Навоӣ навиштаам ва дар қисме аз онҳо баъд аз ҳабс шудан дар идораҳои давлатӣ талаф шуда рафтааст. Аз ҳамон соли 1930, ки маро гирифта буданд, то соли 1954 дар ҳабсхона ё дар сургун мондаам, баъд аз омаданам маро бегуноҳ ёфтанд, ки ду моҳ мешавад ин коғаз ба ман расид.

То имрӯз ман ба ҳеҷ ҷое ҳеҷ гуна муроҷиат накардаам, чун акнун андаке далерӣ гирифтаам ба хизмати шумо ин коғазро навиштам.

Шумо медонед, ки дар ин муддати дуру дароз ман аз корҳои илмӣ дур будам ва акнун, ки омадам, синну солам ҳам аз шаст таҷовуз кардааст. Бо вуҷуди ин дар бораи як шоири самарқандӣ Сипандӣ як чанд мақолае навиштаам ва боз ҳам дар даст баъзе корҳое дорам, ки меҳоҳам онҳоро ба поён расонам.

Бинобарон аз шумо хоҳиш менамоям, ки ба ман барои тамом кардану давом намудан ба корҳои илмӣ ёрмандӣ расонида шавад. Ман алъон на хона дорам, на ҷой, на коре дорам, на таъминот. Албатта дар ин тавр вазъият илоҷи кор кардан нест.

*Умедворам, ки он чӣ аз дастатон меояд, дареғ надошта бошед.*

**Вадуд Маҳмудӣ".**

**Наҷод МАҲМУДӢ,**
**фарзанди Вадуд Маҳмудӣ,**
**ш. Самарқанд**



Софдил, поктинат
Моҳи якуми шамсӣ
Фиребгар
Гардсӯз, ордбирён
96, 86, 66 шумораи ... дар бензин
Рақси мавзуни дунафара
Шаҳр дар Колумбия
Покӣ, порсоӣ
Шаҳри ... Ӯрда
Кӣ бо забони русӣ
Навозандаи асотири Юнони қадим
Мева
Қиссаи М. Горкий
... Мартин (овозхон)
Гови ваҳшӣ
Муаллиф бо забони русӣ
Ангезандаи касалии сироятӣ
Қуллаи баландтарини кӯҳи Урал.
Аҳмадшоҳи ...
Зиннат, некӯӣ
Бадтабиат
Асосгузори инглис
...Гра, гурӯҳи эстрадии Русия
... Маркс
Вазири Искандари Мақдунӣ
Расмкашӣ, сураткашӣ
Оташи шӯълавар.
Матои ресмонӣ ва нимабрешимӣ
Асоси тарбияи мактаб.
Ҷаббор, ҷаллод
Акс, сурат
Анор бо забони қазоқӣ
Меваи полезӣ
Кассиус Клей
Чавгонбозӣ
Маркази вилоят дар Украина.
Шарму ҳаё.
Ҳазорисанд
Фойтуни калон
Номи пурраи Иттиҳоди Шӯравӣ
Муаллифи "Мазҳакаи илоҳӣ"
Чизи баланд, олӣ.
Синоними калимаи "бурс"
Падар
365 ё 366 рӯз
Швартснегер дар хурдӣ
Сарнагун




### Лифти номард

Дар лифт 5 мард савор шуданд. Зане давида омада, худро даруни лифт ҷой кард. Марде тугмачаи ҳаракатро зер намуд. Аммо лифт ба ҳаракат надаромад, тугмачаи огоҳкунандаи сурх шуда, ишора сохт, ки вазн зиёд аст.

Он зан, ки баъди ҳама савор шуда буд, хиҷолатмандона аз лифт баромад. Вақте лифт ба боло ҳаракат кард, марди шӯхтабъе гуфт:

- Номардии ин лифтро бинед-а, 5 мардро бардошту кувваташ ба як зан нарасид.

### Маззаи калӯш

Марде ба дӯсташ шиква мекунад:

- Калӯшҳои ҳаминвақта мазза надоранд. Ман дар як сол чор-панҷ ҷуфт калӯш мепӯшам.

- Баръакс, пойи худат мазза надоштааст. Ман як ҷуфт калӯшро панҷ- шаш сол мепӯшам.

- Чӣ хел?

- Ҳар ҳафта дар масҷид кухнаашро бо нав иваз мекунам.

### Дарди дили ҳунарманд

Аз ҳунарманде пурсиданд:

- Барои чӣ ҳамеша нақши шахси нобиноро мебозед?

Гуфт:

- Намехоҳам толори холиро бубинам.

### Бадмаст

Бадмасте ба тӯй даъват шуд. Микрофонро гирифта, ба ҳозирин муроҷиат намуд:

- Агар арӯс бо ман рақсад, сад доллар медиҳам.

Домод аз ин суханон ба ғазаб омада, аз ҷояш мехезад.

Бадмаст:

- Не, ту бахузур нишастан гир, ман дусад доллар надорам, фақат арӯсро даъват кардам.

### Тӯҳфа

Ромиш дар зодрӯзи ҳоҳараш Мужда як куттӣ шоколади гаронбаҳо овард. Мужда онро чашиду гуфт:

- Ин хел шоколади хушмазарра бори аввал мехӯрам.

Ва аз очааш суол кард:

- Оча, шумо чӣ?

Занак ҳам як дона шоколадро ба даҳон андохта, гуфт:

- Ман ҳам.

Мужда дубора суол кард:

- Агар дар бозор ҳамин хел шоколадро бинед, чӣ кор мекунед?

Занак, ки аллакай қимати ин тухфаро аз Ромиш фаҳмида буду акнун бо иштиҳои аввала шоколад мехӯрд, гуфт:

- Рӯямро мегардонаму ба роҳам меравам...

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

Дӯғ зад, ки бо як зарба санги сари роҳашро зада талқон мекунад, вале ба бардоштани гурз зӯраш нарасид.

***

“Дарё чуқур будагист” гуфту аз худро ба он партофта нобуд кардан даст кашид.

***

Аз варақаи ташхиси беморе: “Тири нигоҳи кадом як танноз тарафи чапи сари синаашро ба андозаи чор миллиметр сӯрох кардааст”.

***

Ба доруи гулӯдард яхмосро сарборӣ карда фурӯхтанд.

***

Талоши моҳ карду ба чоҳ афтод.

***

Ситораҳо низ шабона пайдо мешаванд. Магар онҳоро ҳам дузд гӯем?

***

Зимистон аз сабаби набудани сӯзишворӣ байни зану шавҳар мунокиша афтода, оташи ишқашон хомӯш шуд.

***

Аз дастнависи навқаламе: “Нигоҳи тези маъшуқа ба нохунҳои тезаш мувофиқ афтода буд”.

***

Бартарии манту аз тушбера он аст, ки манту имкони бештари дар худ ғунҷонидани пиёзро дорад.

***

Хушомадгӯӣ дар мавзӯи “Аҳамияти қошу қавоқи сардор дар пешрафти кор“ рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

***

Санъатшинос ба хониши булбул тақриз навишта, таъкид кард: “Агар булбул қисми охири чаҳ-чаҳашро кашишноктар талаффуз мекард, беҳтар мебуд”.

***

Санади ақди никоҳ як нав ғавчӯбест дар роҳи ишқи булҳавасон.

***

Аз назари гӯсфанд ҳар касе, ки корд дар даст дорад, қассоб аст.

***

Идоранишинӣ аз иҷоранишинӣ ҳазор бор беҳтар.

***

Мунаққид табар ба даст гирифт. Ҳама ба тарсу ҳарос афтоданд: охир, шахсе, ки бо қалам чунин корҳо кард, бо табар чӣ корҳое хоҳад кард?!

***

Барои баднафс мусиқии беҳтарин садои ба дег бархӯрдани кафгир аст.

***

Посбони анбори ташкилоти мо ҳангоми навбатдорияш “хобро мепаронад” гӯён, чойи кабуд наменӯшад.

***

Сардори мо, дар ҳақиқат, офтоби коргоҳамон аст: ҳамеша дар назар ҷилвагар, вале дастнорас.

***

Сиёҳии дили иғвогар, ҳатто дегро ба ҳайрат овард.

***

Дар баҳс на танҳо доно, балки пурзӯр ҳам маълум мегардад.

***

Ҷинояткор аз ҷазо гурехту шоҳидон аз баёнотнависӣ.

Ҷабрдида ба даст афтод.

***

Ҳатто ба сӯи ман нағуридани саги ҳамсоя боз як сабаби бадгумонии занам шуд.



**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

